# Фириста  Петрус ва Калисо

## Р. Е. Ҳарлоу

Дувоздаҳ дарс оиди ҳаёт ва таълимоти фириста Петрус барои курсҳои ғоибонаи Китоби Муқаддас

## Тавсияҳо ба хонандагон

Фириста Петрус шахси бузург буд. Мавъизаҳои ӯ ва таъсири ӯ ба калисои ибтидоӣ, ки Инҷилҳо ва китоби Аъмоли Ҳаввориён оиди он гувоҳӣ медиҳанд, ва низ ду Номаи ӯ, асоси ин курси ғоибонаи Китоби Муқаддасро ташкил медиҳанд. Мо умед дорем, ки шумо оиди фириста Петрус ва номаҳои ӯ ба шарофати омӯзиши мустақилонаи Навиштаҳои Пок бештар хоҳед донист.

Шумо дарсҳои зеринро хоҳед омӯхт:

1. Петрус ва Худованд Исои Масеҳ
2. Петрус ва Навиштаҳои Пок
3. Мавъизаи якуми Петрус
4. Петрус ва коҳинон
5. Петрус ва пирони калисо
6. Петрус ва Модари Муборак
7. Раҳоӣ аз гуноҳ
8. Чӣ тавр фарзанди Худо шавем ва Худоро шиносем
9. Масеҳ Чӯпон ва Нозири ҷонҳои мост
10. Чӣ гуна коҳин ва муқаддас шавем
11. Доварии Худо
12. Интизорӣ ва инкишоф дар бовар

## АЗ ЧӢ САР КУНЕМ

Аз Худо хоҳиш кунед, ки дилатонро кушояд ва барои фаҳмидани ҳақиқатҳои Каломи Ӯ ёрӣ диҳад. Дарсро камаш ду бор бо диққат хонед. Бори аввал барои тасаввуроти умумӣ доштан, ки сухан дар бораи чӣ меравад, сипас бори дигар, ҳамаи

ишораҳо ба Китоби Муқаддасро дида баромада ва ҳамаи тавзеҳотро бо диққат омӯхта. Агар Китоби Муқаддас дошта бошед, хоҳиш мекунем, ки ҳамаи ишораҳои библиявии дар дарс бударо хонед. Барои аз худ кардани дарсҳо ва ба саволҳои имтиҳонӣ ҷавоб додан Паймони Навин доштан шарт нест. Аммо, агар онро дошта бошед, хондани ишораҳои дар дарс ишорашударо фаромӯш накунед.

Дар дарсҳо оятҳои Паймони Навин бо ишораи номи китоб, рақами боб ва оят оварда шудаанд. Барои ёфтани ояти даркорӣ аввал аз рӯи феҳрист (мундариҷа) дар Навиштаҳои Пок китоби даркориро ёбед. Бисёрии китобҳои Навиштаи Пок ба бобҳо тақсим карда шудаанд. Ҳар боб дар навбати худ ба оятҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. Ҳар оят аз як ё якчанд ҷумла иборат аст. Масалан, шумо мехоҳед аз Навиштаҳои Пок ояти 1Пет. 1:18-ро ёбед. Азбаски фириста Петрус муаллифи ду китоб аст, дар Навиштаҳои Пок Номаи якумро ҷустан даркор аст. Ояти даркориро шумо дар боби якум, таҳти рақами 18 пайдо мекунед. Агар саволе дошта бошед, онро дар мактуб навишта, ҳамроҳи ҷавобҳо ба саволҳои имтиҳонӣ фиристед. Агар аз Навиштаҳои Пок ҳақиқати навро фаҳмед, онро ба ягон кас нақл кунед. Агар ин курси ғоибона ба шумо маъқул шавад, дар бораи он ба дӯстонатон гӯед, Шояд онҳо низ онро омӯхтан мехоҳанд. Барои аз вазъиятҳои баҳснок барканор будан дар ин курс танҳо истилоҳоти Навиштаҳои Пок истифода шудаанд. Зиёда аз ин, дар он ақидаҳо ва маънидодҳои шахсӣ нестанд. Хонанда бояд оиди сатрҳои овардашудаи Навиштаҳои Пок мустақилона андеша карда, ба саволҳо дар асоси гуфтаҳои Навиштаҳои Пок ҷавоб диҳад.

## Имтиҳонҳо ва саволҳо барои худтафтишкунӣ

Баъди ҳар як дарс саволҳо барои худтафтишкунӣ оварда шудаанд. Баъди ҳар дарси дуюм саволҳои имтиҳонӣ оварда мешаванд. Хонандагон метавонанд саволҳо барои худтафтишкунӣ ва саволҳои имтиҳониро барои аз назар гузарондани мавзӯъҳои дар дарс таҳлилшуда истифода баранд. Аммо ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳои имтиҳонӣ, агар нишондодҳо набошанд, ба матни худи дарс, Навиштаҳои Пок ё

конспект муроҷиат кардан даркор нест. Тавсияҳои зеринро бо диққат хонед!

## 1. Саволҳо барои худтафтишкунӣ

Саволҳои худтафтишкунӣ бо мавзӯи дарсе ки ба он дахл доранд, бевосита алоқаманд ҳастанд. Даҳто чунин саволҳо пешниҳод карда мешаванд. Ҳар кадоми онҳо ҷавоби "ҳа" (дуруст) ё "не" (нодуруст)-ро металабад. Ин саволҳо ёрӣ медиҳанд, то дониши худатонро баҳо диҳед, пеш аз он ки ба саволҳои имтиҳонӣ ҷавоб дода, ба дарси дигар гузаред. Ҷадвали пурраи ҷавобҳои дуруст ба саволҳои худтафтишкунӣ дар охири китоб оварда шудааст. Ба саволҳои худтафтишкунӣ ҷавоб дода, аз рӯи ҷадвал муваффақиятҳои худро муайян кунед. Саволҳоеро, ки ба онҳо ҷавоби нодуруст додаед, такроран омӯзед. ҶАВОБҲОИ БА САВОЛҲОИ ХУДТАФТИШКУНӢ ДОДААТОНРО БА МАКТАБИ ҒОИБОНА НАФИРИСТЕД! Донишҳои худро худатон баҳо диҳед!

## 2. Саволҳои имтиҳонӣ

Ҳар як гурӯҳи саволҳои имтиҳонӣ ба ду дарс дахл дорад. Масалан, имтиҳони №1 саволҳоро оиди дарси якум ва дуюм дар бар мегирад. Дар ҳар гурӯҳи саволҳои имтиҳонӣ ба кадом дарс дахл доштани онҳо ишора шудааст. Шумо метавонед ба саволҳои имтиҳон дар ду марҳила ҷавоб диҳед. Баъди омӯхтани дарси якум метавонед ба он гурӯҳи саволҳои имтиҳонии №1, ки ба дарси якум дахл доранд, ҷавоб диҳед. Аммо то даме ки дарси дуюмро наомӯзед ва ба гурӯҳи дуюми саволҳои имтиҳонӣ ҷавоб надиҳед, ҷавобҳоро нафиристед. ТО

**Даме ки ба ҳар ду гурӯҳи саволҳо ҷавоб надиҳед, ҳеҷ гоҳ ҷавобҳоро ба саволҳои имтиҳонӣ барои назорат ва тафтиш нафиристед**! Ба саволҳои имтиҳонҳо ҷавоб доданро анҷом дода, ҷавобҳоро дарҳол барои тафтиш ва ислоҳ кардан ба мо фиристед. Дар ҷавобҳо ба саволҳои имтиҳонӣ нуқтаи назари худро баён накунед. Мақсади саволҳои имтиҳонӣ аниқ кардани он аст, ки оё суханони Навиштаи Покро, ки дар дарс оварда шудаанд, фаҳмидед ё не. Саволи асосиро чунин тасвия додан мумкин аст: "Фириста Павлус ё Навиштаи Пок дар ин бора чӣ мегӯяд?"

Ҳамин тариқ, шумо бояд аниқ кунед, ки Навиштаи Пок чӣ мегӯяд ва ба таври мувофиқ ҷавоб диҳед.

**3. Шумо чӣ фикр доред? Саволҳо.**

Чунин саволҳо иловагӣ мебошанд. Ҷавобҳо ба онҳо ба баҳое ки барои ҷавобҳо ба саволҳои имтиҳонӣ мегиред, таъсир намерасонанд. Ҳангоми ба ин саволҳо ҷавоб додан фикри худро озодона баён карда метавонед. Ҷавобҳои самимонаи шумо ба муаллим ёрӣ медиҳанд, то бо шумо чун бо шахсият хубтар шинос шавад. Ба ғайр аз ин, онҳо ба мо ёрӣ медиҳанд, то таъсирбахшии ин курсро баҳо диҳем.

**4. Тафтиш ва ислоҳи корҳои шумо**

Ҳар як ҷавоби нодурусти шуморо ба саволҳои имтиҳонӣ муаллим ишора мекунад. Муаллим ишора мекунад, ки дар куҷои Китоби Муқаддас ё китоби дарсӣ ҷавоби дурустро пайдо карда метавонед.

**5. Ба қайд гирифта шудани ҷавобҳои шумо**

Баъди он ки ба саволҳои имтиҳони якум ҷавоб медиҳед, варақаи (карточка) қайди натиҷаҳои имтиҳонҳоро мегиред. Дар он баҳои имтиҳон ё имтиҳонҳои супурдаатон гузошта мешавад. Шумо ҳар дафъа бояд ҳамроҳи ҷавобҳо ба саволҳои имтиҳонӣ варақаро барои қайд намудани натиҷаҳои имтиҳонҳо равон кунед.

## Омӯзиши гурӯҳӣ

Агар шумо курси додашудаӣро дар ҳайати гурӯҳ меомӯхта бошед, корҳои имтиҳонии худро ба котиби гурӯҳи худ супоред, ва ӯ ҳамаи онҳоро якҷоя мефиристад. Ҳангоми омӯзиши гурӯҳии Китоби Муқаддас роҳбарони гурӯҳ бояд бо тавсияҳо оиди истифодаи саволҳои худтафтишкунӣ шинос шаванд. Ин тавсияҳо дар қисми ҷавобҳо ба саволҳои худтафтишкунӣ оварда шудаанд.

## Тавсияҳои умумӣ

Ба омӯзиши курси додашуда дарҳол, ё агар онро дар гурӯҳ омӯхтанӣ бошед, баробари ташкилшавии гурӯҳ сар кунед. Мунтазамии дарсҳоро риоя кунед. Барои омӯзиши тамоми курс ба шумо на зиёда аз як сол дода мешавад.

## ДАРСИ 1

# ПЕТРУС ВА ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ

## Моҳигир

"Ба чуқуроб бирон, ва тӯрҳои худро барои сайд андозед" (Луқо 5:4). Чунин гуфт Худованд Исо ба Шимъӯни Петрус. Исо қаиқи Шимъӯни Петрусро истифода бурд, ва барои ин сипосгузорӣ кардан мехост. Петрус ва дигар моҳигирон тамоми шаб меҳнат карданд, аммо чизе сайд накарданд. Ва акнун, ки рӯз шуд, ин писари дуредгар, ин Устоди дин, ба Петрус маслиҳат медиҳад, ки бори дигар тӯр партояд! Кӯли Ҷалил дар байни моҳигирон машҳур буд. Дар соҳилҳои ин кӯл бисёр шаҳрҳо ва шаҳракҳо буданд. Бисёр сокинони шаҳрҳои соҳилӣ бо моҳигирӣ ризқу рӯзӣ меёфтанд. Шимъӯни Петрус дар шаҳри Байт-Сайдо мезист ва одатан ҳамроҳи бародараш Андриёс моҳигирӣ мекард. Боре Андриёс суханони Яҳёи Таъмиддиҳандаро шунид, ки дар бораи Исои Масеҳ мегуфт: "Инак Барраи Худо" (Юҳанно 1:29). Андриёс Шимъӯнро назди Исои Масеҳ овард. Исо ба ӯ номи нав дод – Петрус, ки маънояш "санг/сахра" аст. Дар Навиштаи Пок сахра рамзи Худои Таоло аст. Ҳамин тариқ, Исо ба Шимъӯн номи нав дода, ба ӯ нишон доданӣ буд, ки ӯ фарзанди Худо мешавад. Ӯ шарики табиати илоҳӣ мешавад (2Пет. 1:4). Ва акнун Исо ба Шимъӯни Петрус маслиҳат медиҳад, ки бори дигар ба оби кӯли Ҷалил тӯр партояд. Ба маслиҳати Исо пайравӣ намуда, Петрус ва моҳигирони дигар боз тӯр партофтанд. Ин дафъа онҳо бисёр моҳӣ сайд карданд. Петрус чунон ҳайрон шуд, ки ба Исо гуфт: "Худовандо! Аз пеши ман рав, чунки ман шахси гуноҳкор ҳастам" (Луқо 5:8). Аммо Исо ба вай фармуд, ки аз пайи Ӯ равад. Ва ба зудӣ Исо Петрусро яке аз 12 фиристагон номид (Луқо 6:14).

Ана ҳамин тавр Петруси моҳигир имконият пайдо кард, ки се сол дар назди Исои Масеҳ бошад.

## Калидҳои подшоҳӣ

Яке аз лаҳзаҳои бузургтарин дар ҳаёти Шимъӯни Петрус он вақте буд, ки ӯ Масеҳро Писари Худои Таоло номид. Боре Исо аз шогирдони Худ пурсид, ки одамон оиди Ӯ чӣ мегӯянд. Шогирдон ҷавоб доданд, ки баъзеҳо Ӯро Яҳёи Таъмиддиҳанда меҳисобанд, дигарон Ӯро Илёс меҳисобанд, сеюмиҳо – Ирмиё. Исо аз онҳо пурсид: "Шумо Маро кӣ мегӯед?" Шимъӯни Петрус дар ҷавоб гуфт: "Ту Масеҳ, Писари Худои зинда ҳастӣ" (Мат. 16:15,16). Худованд Исо Петрусро барои ин таҳсин* намуд, чунки ин ваҳйи махсусе буд аз ҷониби Падари Осмонӣ. Исо ваъда дод, ки Калисои худро созад ва ба Петрус калидҳои Подшоҳии Осмонро диҳад (Мат. 16:18,19).

## Ғайрати бархато

Аммо Петрус на ҳамеша он чиро мегуфт, ки Худои Таоло ва вай хабар медод. Дар ин боби китоби Матто оиди он гуфта шудааст, ки Исои Масеҳ ба шогирдони Худ оиди марг ва баъди се рӯз зинда шудани Худ хабар дод. Петрус фаҳмида наметавонист, ки чӣ тавр имкон дорад, ки Писари Худо, Подшоҳи Исроил, қатл карда шавад. "Петрус ба Ӯ эътироз кардан гирифт: Ҳошо Туро, эй Худованд! Ин бо Ту ҳаргиз рӯй нахоҳад дод!" Исо бошад ба вай рӯ оварда, гуфт: "Эй шайтон, аз Ман дур шав! Ту васвасакоре барои Ман ҳастӣ, зеро ту на дар бораи фармудаҳои Худо, балки аз чизҳои инсонӣ андеша мекунӣ" (Мат. 16:22,23).

Ин ягона мавриде набуд, ки Петрус ақидаи нодурустро баён мекард. Боре, баъди дигаргуншавии Исо, назди Ӯ Мусо ва Илёс омаданд. Онҳо бо Исо гап заданд. Он гоҳ Петрус гуфт: "Худовандо! Дар ин ҷо будани мо некӯст; агар хоҳӣ, дар ин ҷо се чодар месозем: яке барои Ту, яке барои Мусо ва яке барои Илёс" (Мат. 17:4). Петрус Исоро ҳамроҳи Мусо ва Илёс ҷалол додан мехост. Аммо, Худои Таоло наметавонад роҳ диҳад, то ягон мард ё зан мақомеро ишғол намоянд, ки ба мартабаи Писари Ӯ баробар бошад. Ва он гоҳ овози Худо аз абр шунида шуд: "Ин аст Писари

* дуруст ҳисобидан

маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи ман бар Ӯст; Ӯро бишнавед" (Мат. 17:5). Дар охири роҳи ҳаёти Худ дар ин ҷаҳони заминӣ Худованд Исо ба шогирдони Худ гуфт, ки Ӯро ҳабс мекунанд, онҳо бошанд мегурезанд. Петрус бовар карда наметавонист, ки худаш чунин рафтори паст хоҳад кард. Ва бигузор ҳамаи шогирдони дигар Исоро тарк кунанд, вай бо Ӯ мемонад. Аммо Худованд Петрусро огоҳ намуд: "Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки дар ҳамин шаб, пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард". Петрус ба Исо ҷавоб дод: "Ҳатто агар бо Ту мурданам лозим ояд, Туро инкор намекунам" (Мат. 26:34,35). Баъд аз ин Исо ба боғи Ҷатсамонӣ рафт, то дар дуо ба Падари Осмони Худо мурочиат намояд. Аммо Петрус ва дигар шогирдон ба ҷои дуо кардан хоб рафтанд. Онҳоро хобида дида, Исои Масеҳ ба Петрус гуфт: "Бедор бошед ва дуо гӯед, то ба озмоиш дучор нашавед: рӯҳ бардам аст, лекин ҷисм нотавон" (Мат. 26:41). Ҳангоме ки душманон барои ҳабс кардани Исои Масеҳ омаданд, Петрус қарор дод устодашро ҳимоя кунад ва гӯши яке аз ҳуҷумкунандагонро бурид. Аммо Исо ҳамон дам зарардидаро шифо дод. Ҳангоме ки Масеҳ дастгир карда шуд, ҳамаи шогирдонаш гурехтанд, Петрус бошад аз дур аз пайи Ӯ равона шуд. Касоне ки Исоро дастгир карданд, Ӯро ба ҳавлии хонаи саркоҳин оварданд. Онҳо Ӯро таҳқир мекарданд ва мезаданд. Ин вақт Петрус дар ҳавлӣ назди гулхан нишаста буд. Канизаке назди вай омада, гуфт: "Ту низ бо Исои Ҷалилӣ будӣ" (Мат. 26:69). Аммо Петрус инро инкор кард. Дар охир "вай бори дигар инкор карда, қасам хӯрд, ки Он Одамро намешиносад" (Мат. 26:72). Ногоҳ хурӯс бонг зад. Петрус суханони Исоро, ки ба вай гуфта буд, ба ёд овард: "Пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард" (Мат. 26:74,75).

## Асосҳои бузургӣ

Худованд Исои Масеҳ бо ихтиёри Худ дар салиб маргро қабул намуд. Ӯ барои гуноҳҳои мо ҷазо дид. Дар лаҳзаи душвортарин Исо фарёд зад: "Худои Ман! Худои Ман! Чаро Маро тарк кардаӣ?" (Мат. 27:46). Ҷавоб аз он иборат аст, ки Худои Таоло айби гуноҳҳои моро бар дӯши Исои Масеҳ гузошт. Дар охир Исо бо овози баланд гуфт: "Иҷро шуд!" (Юҳанно 19:30). Ин нидои Худованд маънои онро дорад, ки тамоми коре ки барои наҷоти одамон даркор буд, иҷро гардид. Инро гуфта, Ӯ

ҷон дод. Аммо дар рӯзи сеюм Худои Таоло Ӯро аз мурдагон зинда кард. Петрус ҳамроҳи Юҳанно назди қабр омада, диданд, ки он холӣ аст. Баъди муддате онҳо фаҳмиданд, ки Ӯ зинда шудааст. Пас аз чанде Худованд Петрусро вохӯрд ва ӯро бахшид. Исо Петрусро барои ба Ӯ хизмат кардан гузошт ва омӯзондани бовардорони ҷавонро ба ӯ таъин намуд. Мо мебинем, ки Шимъӯни Петрус, писари Йӯно, одами бузург буд. Ӯ одами оддӣ буд ва норасоиҳо ва хатоҳои ба табиати одамӣ хосро дошт. Аммо ӯ ба шарофати таъсири Худованд Исои Масеҳ бузург шуд, бузург гардонда шуд. Петрус худро гуноҳкор меномид. Исои Масеҳ барои бовари амиқ ва самимии Петрус гуноҳҳои ӯро бахшид. Танҳо ба ҳамин сабаб Исо гуноҳҳоро бахшида метавонад. Исои Масеҳ кореро, ки Худо ба Ӯ супурда буд, ба ҷо оварда, дар салиб ҷон дод. Ман ба ин бовар мекунам. Аммо Петрус на танҳо гуноҳкори бахшидашуда буд. Ӯ фиристаи илҳомёфтаи Худованд Исои Масеҳ шуд. Бинобар ин фаҳмидани суханони Петрус барои мо ин қадар муҳим аст. Дар ин курси ғоибона мо он чиро, ки фириста Петрус гуфта ва навишта буд, аз назар мегузаронем ва меомӯзем. Ӯ имрӯз низ ҳамон чизро мегуфт ва менавишт. Бигузор ҳар кас ба суханони фириста Петрус гӯш диҳад ва бовар кунад. Ин дарсро аз худ карда, ба саволҳо барои худтафтишкунӣ ҷавоб диҳед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дурусти овардашуда муқоиса кунед. Муваффақиятҳои худро мустақилона баҳо диҳед. Сипас ба саволҳои имтиҳонӣ дарси якум ҷавоб диҳед.

## Саволҳо барои худтафтишкунӣ ба дарси №1

*Кӯшиш кунед ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Дар сутуни тарафи рост ҷавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. "Петрус" номест, ки Исои Масеҳ ба Шимъӯн додааст, ва маънои он "доҳии илҳомёфта" мебошад. ___

2. Ҳангоме Петрус фаҳмид, ки Исои Масеҳ кист, ӯ нидо кард: "Ман одами гуноҳкорам!" ___

3. Петрус ба Худованд гуфт, ки Ӯро пайғамбар Илёс меҳисобад. ___

4. Худованд Петрусро барои он таҳсин намуд, ки вай Ӯро Масеҳ, Писари Худо эътироф кард. ___

5. Худованд Петрусро барои он сарзаниш намуд, ки вай Ӯро аз мурдан дар салиб боздоштанӣ буд. ___

6. Петрус барои кӯшиши бо Мусо ва Илёс дар як сатҳ гузоштани Исои Масеҳ сазовори таҳсин шуд. ___

7. Петрус се бор Худованд Исои Масеҳро инкор кард, ва як бор ҳатто ҳақоратро истифода бурд. ___

8. Худованд Исои Масеҳ ба ҷои мо ҷазо дида, дар салиб маргро қабул намуд. ___

9. Петрус ҳамроҳи Юҳанно назди қабри Худованд омаданд ва онро холӣ диданд. ___

10. Гуноҳҳои Петрусро Худи Худованд Исои Масеҳ бахшид. ___

*Ҷавобҳои дурустро барои худтафтишкунӣ дар охири китоб нигаред. Ин ҷавобҳоро ба мо фиристодан даркор нест!*

**ДАРСИ 2**

## Петрус ва Навиштаи Пок

“Китоби Муқаддас бояд то нафаси охирин Китоби ҳаёти мо бошад. Чунки он ба мо Касеро муаррифӣ мекунад, ки аз аввал бо Худо буд”, – гуфта буд падари рӯҳонӣ Френсис Даффӣ. Ӯ таъкид карда буд, ки калисои румӣ-католикӣ хониши мунтазами Китоби Муқаддасро чунон муҳим меҳисобид, ки ба ҳар касе ки онро ҳар рӯз мехонад, бахшида шудани гуноҳҳояшро ваъда кардааст. Падари рӯҳонӣ Даффӣ аҳли калисои худро даъват менамуд, ки “доимо бо худ Китоби Муқаддас дошта бошанд ва онро ҳар рӯз хонанд”. Масеҳиёни ҳақиқӣ ҳамеша боварӣ доштанд, ки Китоби Муқаддас илҳоми илоҳӣ дорад ва комилан кифоякунанда аст. Фириста Петрус дар ин бора чӣ фикр дошт? Мо боварӣ ҳосил

кардем, ки Петрус одами бузург буд, чунки ӯ дар назди Худованд Исои Масеҳ мезист. Бисёр касон боварӣ доранд, ки дар Китоби Муқаддас илҳоми илоҳӣ нест ё ҳатто гумон мекунанд, ки дар он ихтилофот* ҳастанд. Фириста Петрус дар ин бора чӣ гуфтааст? Ва ӯ имрӯз чӣ мегуфт?

## Фириста аз Паймони Куҳан иқтибос меоварад

Фириста Петрус якчанд бор дар Уршалим ва Қайсария мавъиза карда буд. Дар Паймони Навин оиди ҷойҳои дигаре ки Петрус мавъиза кардааст, маълумот нест. Мурочиатҳои фириста Петрус дар бобҳои 1,2,3,4,10,11, ва 15-уми китоби Аъмоли Фиристагон ҳастанд. Дар чор боби аввали ин китоб Петрус ҳафт бор аз Паймони Куҳан иқтибос меоварад. Ӯ китоби Мусо, пайғамбар Юил ва Довудро иқтибос меоварад. Фириста Петрус бовар мекард, ки ин муаллифони китобҳои Паймони Куҳан аз илҳоми Худо пур буданд. Ӯ онҳоро барои тасдиқи нуқтаи назари худ иқтибос меовард. Фириста Петрус оиди Худованд Исои Масеҳ чунин мегуфт: “Аммо Худо он чиро, ки бо забони тамоми анбиёяш пешакӣ гуфта буд, ки Масеҳ бояд азобу уқубат кашад, ҳамин тавр анҷом дод” (Аъм. 3:18). Фириста Петрус медонист, ки Худо бо забони пайғамбарони Паймони Куҳан гап мезад. Петрус на танҳо борҳо Паймони Куҳанро мавъиза мекард. Ӯ ҳамчунин ду Нома навиштааст, ки ба Паймони Навин дохил шудаанд. Дар ин Номаҳо Петрус нӯҳ бор аз Паймони Куҳан иқтибос меоварад; ӯ ба китоби Ибодат, Забур, китоби Масалҳо ва китоби пайғамбар Ишаъё мурочиат мекунад. Дар ин ҷо Петрус боз барои тасдиқи ақидаҳои худ ба муаллифони дорои илҳоми илоҳӣ мурочиат мекунад. Фириста Петрус ба ғайр аз китобҳои Навиштаи Пок ҳеҷ гоҳ китобҳои дигарро иқтибос наовардааст, чунки онҳоро ба дараҷаи Каломи Худо аҳамиятнок намеҳисобид. Нисбати Паймони Куҳан фириста Петрус ҳамон кореро мекард, ки Худованд Исои Масеҳ бисёр вақт мекард. Худованд Исои Масеҳи мо ва бисёрии муаллифони китобҳои Паймони Навин Паймони Куҳанро дорои илҳоми илоҳӣ меҳисобиданд.

* зиддиятҳо

## Петрус ба илҳоми илоҳӣ доштани Паймони Навин бовар мекард

Боре Петрус, Матто, Юҳанно ва дигар нӯҳ фириста ҳамроҳи Худованд Исо буданд. Ӯ ба онҳо оиди бисёр воқеаҳое ки баъди марги Ӯ рӯй медиҳанд, нақл мекард. Мо оиди ин дар бобҳои 14,15 ва 16-уми Инҷили Юҳанно хонда метавонем. Исои Масеҳ ба Петрус ва дигар фиристаҳо мегуфт, ки Ӯ ба онҳо Рӯҳи Покро мефиристад ва онҳоро аз ин Рӯҳ пур мекунад. Исо таълим медод, ки Рӯҳи Пок муаллифонро ба навиштани ҳамаи се қисми Паймони Навин илҳом медиҳад. Паймони Навин ба се қисми зерин ҷудо мешавад: Инҷилҳо ва китоби Аъмоли Фиристагони пок (панҷ китоб), Номаҳо (21 китоб) ва китоби Ваҳйи Юҳанно (як китоб). Инҷилҳо ва китоби Аъмоли Фиристагон ба мо оиди воқеаҳои гузашта – оиди ҳаёти Исои Масеҳ ва калисои ибтидоӣ нақл мекунанд. Дар Номаҳо тавсияҳо барои замони ҳозира ҳастанд. Китоби Ваҳйи Юҳанно оиди воқеаҳои оянда сухан меронад. Исои Масеҳ пешгӯӣ карда буд: "Лекин Пуштибон, яъне Рӯҳулқудс... ҳама чизро ба шумо таълим хоҳад дод ва ҳар чиро, ки ба шумо гуфтам, ба ёди шумо хоҳад овард" (Юҳанно 14:26). Рӯҳи Пок ин ваъдаи Исои Масеҳро иҷро намуда, ба фиристаҳо ёрӣ дод, ки суханони Худовандро дар ёд нигоҳ доранд, Матто ва Юҳанноро бошад ба навиштани Инҷилҳо илҳом дод. Марқӯс шоҳиди ин воқеаҳо набуд, ӯ китоби худро бо ёрии Петрус навишт. Дигар шоҳидон ба Луқо ёрӣ расонданд. Аммо ҳамаи чор муаллиф аз Рӯҳи Пок илҳом гирифта буданд. Худованд Исои Масеҳ ҳамчунин ваъда дода буд: "Лекин чун Ӯ, яъне Рӯҳулқудс ояд, шуморо ба тамоми ростӣ раҳнамоӣ хоҳад кард... ва аз воқеоти оянда ба шумо хабар хоҳад дод" (Юҳ. 16:13). Дигар хел карда гӯем, фиристаҳо тамоми ҳақиқатро дарк хоҳанд кард. Ҳақиқатан, фиристаҳо ин ҳақиқатро барои мо дар шакли 21 Номаи Паймони Навин навиштаанд. Чуноне ки Юҳ. 16:13 гувоҳӣ медиҳад, Худованд Исои Масеҳ пешгӯӣ карда буд, ки Рӯҳи Пок "ояндаро ба шумо хабар хоҳад дод". Китоби Ваҳйи Юҳанно маҳз оиди воқеаҳои оянда нақл мекунад. Фириста Петрус низ оиди воқеаҳои оянда мегӯяд. Мо пешгӯиҳои фириста Петрусро дар дарси 12-ум меомӯзем.

## Петрус оиди илҳоми илоҳӣ доштани Китоби Муқаддас

Дар баробари иқтибос аз Паймони Куҳан чун китоби дорои илҳоми илоҳӣ, фириста Петрус ҳақиқати илҳоми илоҳӣ доштани Навиштаи Покро таълим медиҳад. Фириста Петрус оиди Паймони Куҳан навишта буд: "Тафтишот ва тадқиқоти анбиё ба ҳамин наҷот тааллуқ дошт... Онҳо тадқиқ намудаанд, ки кадом ва чӣ гуна замонро Рӯҳи Масеҳе ки андаруни онҳо буд, нишон додааст, вақте ки Он аз уқубатҳои Масеҳ ва аз ҷалоле ки баъд аз он фаро хоҳад расид, пешакӣ хабар медод" (1Пет. 1:10,11).

Суханони овардашудаи фириста Петрус мегӯянд, ки кори пайғамбарони Паймони Куҳанро Рӯҳи Пок роҳбарӣ мекард. Ӯ ба онҳо хабар медод, ки чиро бояд нависанд, агарчи пайғамбарон на ҳамаашро фаҳмида метавонистанд. Исои Масеҳ оиди Рӯҳи Пок гуфтааст: "Ӯ Маро ҷалол хоҳад дод" (Юҳ. 16:14). Китобҳои Паймони Куҳанро хонда, мо бояд дар онҳо симои Исои Масеҳро биҷӯем. Маҳз Ӯ калиди фаҳмидани Навиштаи Пок аст. Дар Номаи дуюми худ фириста Петрус ҳамчунин таълим медиҳад, ки бо вуҷуди шаҳодати худи ӯ оиди ҷалоли Исои Масеҳ, "каломи пайғамбарона" "ҳаққонитарин" аст. Ҳаворӣ Петрус эълон менамояд: "Ҳеҷ як нубуввати Навиштаҳо тафсири шахсиро раво намедонад; зеро ки ҳаргиз нубувват ба ҳасби иродаи одамизод ба забон ронда нашудааст, балки муқаддасони Худо, бо таҳрики Рӯҳулкудс, онро ба забон рондаанд" (2Пет. 1:20,21). Дар ин ҷо фириста Петрус оиди он мегӯяд, ки пайғамбариҳоро алоҳида аз назар гузарондан ва маънидод кардан мумкин нест. Яъне, ягон қисми Навиштаи Покро ҷудогона, бе алоқамандии матн, бе тамоми Навиштаҳои Пок, аз назар гузарондан мумкин нест. Боре фириста Павлус маҷбур буд Петрусро танқид кунад. Ҳар ду фириста – ҳам Павлус ва ҳам Петрус – мавъиза мекарданд, ки одамон танҳо бо файзи Худо наҷот меёбанд. Оиди ин дар дарси ҳафтум сухан меравад. Аммо яҳудиёни шаҳри Уршалим, ки дар ҳама ҷо аз пайи фириста Павлус мерафтанд, ба масеҳиёни ҷавон мегуфтанд, ки барои наҷот ёфтан корҳои муайянро ба ҷо овардан даркор аст. Бинобар ин Петрус аз хашми яҳудиёни бовардор тарсида, бо ғайрияҳудиёни масеҳӣ хӯрок хӯрданро бас кард. Фириста Павлус мегӯяд: «Аммо вақте ки Петрус ба Антиохия омад, ман шахсан ба ӯ мухолифат кардам, чунки ӯ айбдор буд.

Зеро пеш аз он ки баъзе касон аз ҷониби Яъқуб биёянд, ӯ бо ғайрияҳудиён хӯрок мехӯрд; лекин вақте ки онҳо омаданд, аз тарси хатнашудагон худро дур кашид ва канорагирӣ намуд... Аммо, чун дидам, ки онҳо мувофиқи ростии Инҷил рафтори рост намекунанд, дар ҳузури ҳама ба Кифо гуфтам: "Агар ту, ки яҳудӣ ҳастӣ, на ба тариқи яҳудиён, балки ба тариқи ғайрияҳудиён зиндагӣ мекунӣ, чаро ғайрияҳудиёнро маҷбур менамоӣ, ки ба тариқи яҳудиён рафтор кунанд?"» (Ғал. 2:11-14). Петрус ҳақ будани фириста Павлусро фаҳмид. Ба одамон фаҳмондан муҳим аст, ки бо корҳои нек наҷот ёфтан ғайриимкон аст. Моҳиятан, Петрус китобҳои Павлусро баробари дигар китобҳои Навиштаи Пок меҳисобид. Ӯ мегуфт: "Ва пурсабрии Худованди моро наҷот ҳисоб кунед, чунон ки бародари маҳбуби мо Павлус низ, аз рӯи ҳикмате ки ба ӯ ато шудааст, ба шумо навиштааст, ва ҳамчунин дар ҳамаи номаҳои худ ӯ дар ин бора сухан меронад, ки дар онҳо кадом як чизи душворфаҳме ҳаст, ки онро нодонон ва ноустуворон мисли Навиштаҳои дигар ғалат таъбир мекунанд, ва анҷоми ин кор барои онҳо ҳалокат меоварад" (2Пет. 3:15,16). Фириста Петрус Каломи Худоро беандоза арзишнок меҳисобид. Ӯ мегуфт, ки мо ба шарофати Каломи Худо аз нав зода шудаем: "Ҳамчун касоне ки аз нав ба вуҷуд омадаед на аз тухми фонӣ, балки аз тухми бефано, ба василаи Каломи Худо, ки зинда аст ва то абад боқист" (1Пет. 1:23). Мо ин масъаларо дар дарси ҳаштум амиқтар меомӯзем. Аммо мо боварӣ ҳосил намудем, ки фириста Петрус боварии қавӣ дошт, ки Китоби Муқаддас илҳоми илоҳӣ дорад ва танҳо он ба мо барои ҳаёти ҳозира ва оянда донишҳои заруриро медиҳад. Бинобар ин Ҷероми муқаддас бо асоси пурра изҳор дошт (чуноне ки папа Пийи XII шаҳодат медиҳад): "Рад кардан ё сарфи назар намудани Китоби Муқаддас маънои рад кардани Исои Масеҳро дорад. Шахси хирадмандро ҳангоми азобҳо, нохушиҳо ва ташвишҳо дар ин ҷаҳон чӣ дастгирӣ мекунад? Чӣ барои нигоҳ доштани равшанӣ ва осудагии ақл ёрӣ медиҳад? Ба фикри ман, пеш аз ҳама – андешаҳо оиди Навиштаҳои Пок ва дарки амиқи он". Дар дарсҳоиояндаи ҳамин курс мо меомӯзем, ки мувофиқи гувоҳии Навиштаи Пок, фириста Петрус чиҳо гуфтааст ва навиштааст. Мо боварӣ дошта метавонем, ки ҳамаи суханоне ки фириста Петрус гуфтааст, ҳақиқат аст. Оё шумо тайёред ба ин бовар кунед? Оё тайёред мувофиқи ин амал намоед?

Агар шумо тайёр бошед, ба саволҳои худтафтишкунӣ ҷавоб диҳед, сипас онҳоро тафтиш карда, баҳо диҳед. Баъди ин, ба саволҳои имтиҳони ҷавоб диҳед.

## Саволҳо барои худтафтишкунӣ ба дарси №2

1. Китоби Муқаддас дорои илҳоми илоҳӣ буда, фарогир (комил) мебошад. ___

2. Китоби Муқаддас се мавъизаи фириста Петрусро дар бар мегирад, ки ӯ дар Рум ба забон овардааст. ___

3. Петрус муаллифи ду китоб аст, ки ба Паймони Навин дохил мешаванд. ___

4. Фириста Петрус бисёр вақт Паймони Куҳанро иқтибос меовард ва онро Каломи Худо меҳисобид. ___

5. Паймони Навин зери таъсири Рӯҳи Пок навишта шудааст. ___

6. Калиди фаҳмидани Номаҳои паймони Куҳанро дар тимсоли Исои Масеҳ, ки дар онҳо инъикос ёфтааст, бояд ҷуст. ___

7. Петрус илҳоми илоҳӣ доштани Паймони Куҳанро таъкид мекунад ва ишора менамояд, ки муқаддасон аз Рӯҳи Пок пур шуда, сухан гуфтаанд. ___

8. Фириста Павлус Петрусро дар Антиохия барои амалҳояш таҳсин намуд, зеро онҳо далели он буданд, ки масеҳиён барои наҷоти худ бояд ягон кор кунанд. ___

9. Петрус Номаҳои фириста Павлусро бо дигар китобҳои Навиштаи Пок баробар медонад. ___

10. Ҷероми муқаддас гуфтааст: “Рад кардани Навиштаи Пок маънои рад кардани Исои Масеҳро дорад”. ___

*Ҷавобҳои дурустро ба саволҳо барои худтафтишкунӣ дар ҷадвали охири китоб нигаред. Ин ҷавобҳоро ба мо нафиристед!*

## ДАРСИ 3

## Мавъизаи якуми Петрус

## Аз Рӯҳи Пок пуршуда

"Инҳо маст нестанд, чунон ки шумо гумон мекунед, зеро ки ҳоло соати сеи рӯз аст" (Аъм. 2:15). Фириста Петрус чунин гуфт, ҳангоме ки баъзе сокинони Уршалим шогирдони Худовандро маст ҳисобиданд. Дар асл онҳо аз Рӯҳи Пок пур шуданд, аммо одамон инро фаҳмида наметавонистанд. Имрӯзҳо бисёр касон бар бовардорон механданд. Дигарон бошанд бепарво мемонанд, гӯё дин тамоман аҳамияте надорад. Албатта, ҳақиқатан на ҳама зуҳуроти динӣ ҳақиқӣ мебошанд. Бисёр касон худро хизматгорони Худо меноманд ва порсоии аз ҳад зиёд нишон дода метавонанд. Ва танҳо Каломи Худо ба мо имкон медиҳад, ки ҳақиқатро бидонем. Чуноне ки мо боварӣ ҳосил намудем, фириста Петрус ва ҳамаи масеҳиёни ҳақиқӣ бовар мекунанд, ки Китоби Муқаддас илҳоми илоҳӣ дорад ва пурра кифоякунанда аст. Аммо он рӯз дар ҳақиқат чӣ рӯй дод? Худованд Исои Масеҳ гуфта буд: "...Ҳар кӣ ташна бошад, назди Ман биёяд, ва бинӯшад; ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чунон ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд; ин суханро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт, ки ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, Онро хоҳад ёфт; зеро ки Рӯҳулқудс ҳанӯз ато нашуда буд, чунки Исо ҳанӯз ҷалол наёфта буд" (Юҳ. 7:37-39). Дар ин ҷо оиди се қадам гуфта шудааст, ки ҳар як шахс бояд гузорад:

1. Назди Исои Масеҳ ояд; 2. Оби ҳаётро нӯшад; 3. Ба ҳақиқат имкон диҳад, ки ба воситаи ӯ сӯи дигарон ҷорӣ шавад. Аммо аввал бояд се воқеаи бузург ба амал оянд:

1. Масеҳ бояд ҷалол ёбад.

2. Бояд Рӯҳи Пок фурӯ резад.
3. Бовардорон бояд аз Рӯҳи Пок пур шаванд.

Исои Масеҳ борҳо оиди фиристодани Рӯҳи Пок мегуфт. Ӯ мегуфт, ки дуо хоҳад кард, то Рӯҳи Пок моро пур кунад: "Ман аз Падар илтимос хоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони дигаре ато хоҳад кард, то ки ҳамеша бо шумо бимонад, яъне Рӯҳи ростӣ..." (Юҳанно 14:16-17). Ин ваъда баъди 50 рӯзи растохези Исои Масеҳ иҷро шуд. Дар рӯзи Пантикост Рӯҳи Пок фуруд омад. Петрус ва даҳ фиристаи дигар шоҳидони растохези Исои Масеҳ буданд. Онҳо Ӯро дар давоми 40 рӯз медиданд ва мешуниданд, то даме ки Ӯ ба Подшоҳии Осмонӣ баргашт. Аммо худи факти растохези Исо кифоя набуд. Худои Таоло қарор дод, ки Писари Ӯ бояд ҷалол ёбад. Муносибати Худо ба Исои Масеҳ тамоман мухолифи муносибати одамон ба Ӯ буд. Одамон Исоро рад карданд, аммо Худо Ӯро қабул намуд. Одамон Исоро куштанд, аммо Худо Ӯро ба ҳаёт баргардонд. Одамон Исоро таҳқир менамуданд, аммо Худо Ӯро ҳурмат мекард. Одамон Исоро ба салиб кашиданд, аммо Худо ба тахти Худ шинонд. Баъди он ки Исои Масеҳ ҷалол ёфт ва дар тарафи рости Худои Таоло ҷой гирифт, дар рӯзи Пантикост Рӯҳи Пок фиристода шуд. Рӯҳи Пок бар Исои Масеҳ дар шакли кабӯтар фуруд омад (Мат. 3:16). Аммо дар рӯзи Пантикост Рӯҳи Пок бар шогирдони Масеҳ чун "забонаҳои аз ҳам ҷудое, мисли забонаҳои оташ" фуруд омад. Онҳо низ "ғулғулае, мисли садои тундбод" шуниданд. Сипас ҳамаашон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати сухангӯӣ бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд" (Аъм. 2:4) Баъзе сокинон ва меҳмонони Уршалим оиди тавоноии Худо чунон бехабар буданд, ки шогирдони Масеҳро маст гумон карданд. Фириста Петрус ба онҳо гуфт, ки "Инҳо маст нестанд, чунон ки шумо гумон мекунед, зеро ки ҳоло соати сеи рӯз аст" (Аъм. 2:15). Сипас, дар асоси Навиштаи Пок ӯ ба ҳозирон фаҳмонд, ки он чи диданд, дар асл чӣ маъно дорад.

## Мавъизаи Петрус дар рӯзи Пантикост

Дар ибтидои мавъизаи худ фириста Петрус суханони пайғамбар Юилро меоварад: "Ва дар рӯзҳои охир, мегӯяд Худо,

чунин хоҳам кард: Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт, ва писарону духтарони шумо нубувват хоҳанд кард” (Аъм. 2:17).

Сипас Петрус оиди Худованд Исои Масеҳ сухан меронад, ва Ӯро бо хушнудӣ ҷалол медиҳад: “Ба ин суханон гӯш диҳед: Исои Носирӣ марде буд, ки назди шумо аз ҷониби Худо бо қувваҳо ва мӯъҷизот ва аломоте ки Худо дар миёни шумо ба василаи Ӯ содир кард, ба субут* расид, чунон ки худатон низ медонед. Ӯро, ки аз рӯи маслиҳати муайян ва огоҳии пешакии Худо таслим карда шуд, шумо бо дасти баркирдорон бар салиб мехкӯб карда, куштед. Вале Худо завлонаи маргро шикаста, Ӯро эҳё кард, зеро ғайриимкон буд, ки марг Ӯро дар қайдаш нигоҳ дорад” (Аъм. 2:22-24). Садсолаҳо пештар Довуд гуфта буд: “Зеро ки ҷони маро дар дӯзах нахоҳӣ андохт, ва нахоҳӣ гузошт, ки қуддуси Ту фаноро бубинад” (Аъм. 2:27; Заб. 15:10). Ин суханонро маънидод намуда, Петрус мегӯяд, ки бадани Довуд дар қабр буд ва фаноро дид. Ҳамин тариқ, Довуд, ки илҳоми илоҳӣ дошт, оиди бадани Масеҳ мегуфт. Бадани Масеҳро дар қабр гузоштанд, аммо он фаноро надид. Зиёда аз ин, Довуд ҳамчунин суханонеро гуфт, ки дертар Худо ба Исои Масеҳ мегӯяд: “Зеро ки Довуд ба осмон набаромад, вале худаш мегӯяд: “Худованд ба Худованди ман гуфт: ба ямини Ман бинишин, то ки душманонатро зери пои Ту андозам”” (Аъм. 2:34-35). Ҳангоме ки Худованд Исои Масеҳ кори ба Ӯ вогузоршударо ба анҷом расонд, Худо ба Ӯ фармуд, ки бинишинад. Худои Таоло Исоро иззат карданӣ буд ва бинобар ин Ӯро дар тарафи рости Худ шинонд. Душманони Масеҳ бошанд ба пойҳои Ӯ партофта мешаванд.

## Таъсири мавъизаи Петрус

Ин мурочиати фириста Петрус ба ҳамаи ҳозирон таассуроти зиёд бахшид. Онҳо тамоман ҳайрон шуда, аз Петрус ва дигар фиристаҳо пурсиданд: “Мо чӣ кор кунем?” Петрус ба онҳо ҷавоб дод: “Тавба кунед, ва ҳар яке аз шумо ба исми Исои Масеҳ барои омурзиши гуноҳҳо таъмид бигиред, ва атои Рӯҳулкудсро хоҳед ёфт” (Аъм. 2:38). Ва худи ҳамон рӯз қариб се ҳазор кас он чиро, ки Петрус гуфта буд, ба ҷо оварданд. Худои Таоло гуноҳҳои онҳоро бахшид ва Рӯҳи Покро ба онҳо дод. Ҳоло низ Худо тайёр аст ин корро давом диҳад. Бисёр касон аз гуноҳҳои худ тавба

* исбот шуд

накарда, ғӯта мехӯранд. Аммо тавбаи ҳақиқӣ аз ғӯта гирифтан дида аҳамияти бештар дорад. Масалан, ғоратгар дар салиб аз гуноҳҳояш тавба кард, аммо ғӯта нахӯрда буд. Бо вуҷуди ин, Худованд Исои Масеҳ ба ӯ гуфт: "Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки имрӯз бо Ман дар биҳишт хоҳӣ буд" (Луқо 23:43). Худованд дар ин ҷо ягон шарти дигарро номбар накардааст.

## Рӯҳи Пок ва одамон имрӯз

Дар дарси ҳаштум мо таълимоти фириста Петрусро оиди чӣ гуна писари Худо шудан ва чӣ гуна дарк намудани Худо аз назар мегузаронем. Аммо худи ҳозир шумо метавонед аз он шод бошед, ки Худованд Исои Масеҳ бо ҳаёти худ музди гуноҳҳои шуморо пардохт ва баъди марг зинда шуд. Исо ҳозир зинда аст. Ӯ дар тарафи рости Падари осмонӣ дар ҷалол нишастааст. Худованд Исои Масеҳ Рӯҳи Покро бо кадом мақсад назди мо фиристод? Вазифаи Рӯҳи Пок аз он иборат аст, ки моро аз гуноҳ нигоҳ дорад. Худои Таоло моро дар Исои Масеҳ, баъди тавба ва бовар кардан ба Худованд, мебахшад. Аз тарафи дигар, Худо моро аз гуноҳҳои такрорӣ бозмедорад. Худованд Исои Масеҳ на танҳо моро аз ҷазо барои гуноҳҳо наҷот медиҳад. Ӯ ҳамчунин ҳар рӯз моро аз қудрати гуноҳ ҳимоя мекунад. "Зеро ки гуноҳ дигар набояд бар шумо ҳукмронӣ кунад" (Рум. 6:14). Ин хеле муҳим аст. Ман худро дар назари Худои Таоло гуноҳкор ва исёнкор ҳис мекунам. Гуноҳҳоям маро ба дӯзахи ҷовидонӣ мебаранд. Ман самимона аз гуноҳҳои худ тавба мекунам ва аз Худо илтиҷо менамоям, ки гуноҳҳоямро бахшад. Худо гуноҳкоронро мебахшад, чунки Исо барои гуноҳҳои онҳо ҷазо дид. Аммо агар ман боз гуноҳ кунам, шодии ман ба ғам табдил меёбад. Худои Таоло мехоҳад, ки мо тамоман гуноҳ накунем. Моро бо Рӯҳи Пок пур намуда, Худои Таоло ба мо қобилият додааст, ки ба васвасаҳои ҳаррӯза муқобилат кунем. Ин наҷоти ҳақиқӣ имрӯз наҷоти ту дар Исои Масеҳ шуда метавонад. Оё ту онро қабул мекунӣ?

## Саволҳо барои худтафтишкунӣ ба дарси №3

Шумо маводи дарси 3-юмро хуб аз худ намудед? Кӯшиш кунед ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Исо ваъда дод, ки ба ҳар касе ки назди Ӯ ояд, оби ҳаёт менӯшонад. ___

2. Худованд Исои Масеҳ ваъда дод аз Худо хоҳиш кунад, ки Ӯ ба мо Рӯҳи Покро фиристад. ___

3. Рӯҳи Пок дар рӯзи Пантикост фиристода шуд. ___

4. Рӯҳи Пок бар Худованд Исо дар шакли забонаҳои аз ҳам ҷудои оташ фуруд омад. ___

5. Фириста Петрус мавъизаи аввали худро бо иқтибос аз китоби пайғамбар Юил сар кард. ___

6. Фириста Петрус мавҷудияти ягон хел далелро барои рад кардани Исои Масеҳ баҳснок меҳисобид. ___

7. Имрӯз Худованд Исо дар тарафи рости Худо нишастааст. ___

8. Мавъизаи Петрус одамонро бовар кунонд, ки онҳо аз боиси рад кардани Масеҳ гунохкор мебошанд. ___

9. Пурра имкон дорад, ки шахс ғӯта гирифта, аммо аз гуноҳҳояш тавба накарда бошад. ___

10. Ту худи ҳозир наҷот ба даст оварда метавонӣ. ___

## ДАРСИ 4

## Петрус ва коҳинон

## Мӯъҷизаи якуми фириста Петрус

«Ман нуқра ва тилло надорам, лекин он чи дорам, ба ту медиҳам: “Ба исми Исои Масеҳи Носирӣ бархезу роҳ рав”» (Аъм. 3:6). Ин суханонро гуфта, фириста Петрус ланги модарзодро аз дасти росташ гирифта, бардошт. Ҳамон дам пойҳо ва зонуҳои вай чунон боқувват шуданд, ки он шахс мустақилона роҳ рафта

метавонист. Вай аз шодӣ меҷаст ва Худоро ҳамду сано мехонд. Баъди воқеаҳои ҳаяҷонбахше ки дар боби дуюми китоби Аъмоли Фиристаҳои муқаддас тасвир ёфтаанд, Петрус ва Юҳанно қарибии соати се ба маъбад омаданд. Онҳо гадои бечораеро диданд, ки ланги модарзод буд. Вай гадоӣ мекард. Он гоҳ фириста Петрус ӯро ба номи Исои Масеҳ шифо дод. Ин мӯъҷизаи ҳайратовар боиси таваҷҷӯҳи ҳама гардид. Тӯдаи зиёди мардум ҷамъ шуд. Фириста Петрус имконияти хубе пайдо намуд, то ба одамони бисёр бо Хушхабар муроҷиат намояд ва Исои Масеҳро ҷалол диҳад.

**Мавъизаи дуюми Петрус**

Фириста Петрус пеш аз ҳама ақидаеро рад кард, ки гӯё ӯ лангро ба шарофати ягон хел тавоноии фиристаҳо ё муқаддасии худ шифо додааст. Петрус гуфт: “Худои падарони мо Писари Худ Исоро ҷалолат бахшид. Шумо ӯро таслим кардед ва дар ҳузури Пилотус, ки мехост Ӯро озод кунад, Ӯро рад намудед; лекин шумо Қуддус ва Одилро рад намудед... Сарвари ҳаётро куштед, вале Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард... Ба хотири имон ба исми Ӯ ин шахсе ки мебинед ва мешиносед, қувват ёфтааст, бале, исми Ӯ ва имоне ки дар мо аз Ӯст, дар ҳузури ҳамаи шумо ба вай ин шифоро бахшидааст” (Аъм. 3:13-16). Фириста Петрус, ки аз Худои Таоло илҳом ёфта буд, номи муқаддаси Исои Масеҳро таъкид мекунад. Падари Осмонӣ бо хушнудӣ номи неки Писари Худ Исои Масеҳро дастгирӣ мекунад. Худои Таоло ба номи Писари Худ ин мӯъҷизаро ба амал меоварад – аз ҷониби Петрус шифо ёфтани ланг. Ӯ ба ланг гуфт: “Ба исми Исои Масеҳ бархезу роҳ рав!” Фириста Петрус ба одамон фаҳмонд, ки мӯъҷизаи шифоёбӣ ба номи Исо, аз “имоне ки ба исми Ӯст“, ба амал омадааст. Сипас фириста Петрус ба ҳозирон Хушхабари Худоро расонд. Агар онҳо аз гуноҳҳои худ тавба карда, ба Худо рӯ оваранд, Худо гуноҳҳояшонро мебахшад. Худои Таолои одил шахсеро, ки фармудаҳои Худоро вайрон кардааст, ҷазо дода метавонад. Аммо дар ин мавъиза фириста Петрус, бо розигии Худо, оиди он мегӯяд, ки Худои Таоло гуноҳҳои одамонро нобуд мекунад. Ин чӣ гуна ба амал омада метавонад? Фириста дар бораи он намегӯяд, ки агар одамон ҷазо бинанд, Худои Таоло

гуноҳҳои одамонро мебахшад. Фириста ана ин суханонро гуфта буд: “Пас тавба кунед ва руҷӯъ намоед, то ки гуноҳҳои шумо маҳв гардад” (Аъм. 3:19). Худои Таоло имкони амалӣ гардондани инро дошт, чунки Исои Масеҳ барои гуноҳҳои одамон пурра ҷазо дид. Мо ин масъаларо ҳангоми омӯхтани номаи якуми фириста Петрус амиқтар аз назар мегузаронем.

## Ҳабси Петрус ва Юҳанно

Аммо саддуқиён* ба имконияти растохез бовар намекарданд, ва коҳинон айбдоркуниҳоро оиди дар қатли Писари Худо шарик будани худ гӯш кардан намехостанд. Бинобар ин онҳо фармуданд, ки Петрус ва Юҳанноро ҳабс карда, ба зиндон андозанд. Одамоне ки ҳақиқатро эътироф кардан намехоҳанд, ҳамеша боварӣ доранд, ки ҳақиқатро бо қувва нобуд кардан осонтар аст. Рӯзи дигари ҳабскунӣ саркоҳин дар доварӣ аз фиристаҳо пурсид: «Бо кадом қувват ва бо кадом исм ин корро кардаед? Петрус аз Рӯҳулкудс пур шуда, ба онҳо гуфт: “Эй сардорони қавм ва пирони Исроил! ...Ба ҳамаи шумо ва ба тамоми қавми Исроил маълум бод, ки ба исми Исои Масеҳи Носирӣ, ки Ӯро шумо маслуб кардед, ва Худо Ӯро аз мурдагон эҳё намуд, ...ин одам дар ҳузури шумо тандуруст истодааст“» (Аъм. 4:7,8,10). Дар ин суханони Петрус боз ҷалолдиҳии Худованд Исои Масеҳ садо медиҳад. Саркоҳин аз Петрус пурсид: “Бо кадом исм ин корро кардӣ?” Петрус ҷавоб дод: “Ба исми Исои Масеҳ”. Аммо ин ҳанӯз ҳамааш нест. Фириста Петрус на танҳо номи Исои Масеҳро болобардор мекунад. Дар давоми сухан ӯ мегӯяд, ки дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест. “Дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест, ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем” (Аъм. 4:12).

## Ягона будани Исо

Исои Масеҳ, ягона касе аз байни ба салиб кашидашудагон, аз ҷониби Худои Таоло зинда карда шуд. Танҳо Масеҳ метавонист ин лангро шифо диҳад. Ва инак фириста Петрус аз

---

* пайравони як равияи дини яҳудӣ, ки ба растохез аз мурдагон бовар намекарданд

Рӯҳи Пок пур шуда, эълон менамояд, ки дар ҳеҷ номи дигари одамӣ наҷот нест, на дар номи мард, на дар зан, на дар шахси муқаддас ё фаришта, на дар худи фириста Петрус ва на дар ягон нафар аз фиристагони дигар. ТАНҲО НОМИ ИСОИ МАСЕҲ НАҶОТ ДОДА МЕТАВОНАД, ВА ТАНҲО ОН. Фириста Петрус бори аввал ин суханонро дар муроҷиат ба шахсоне ки дар ба салиб кашидани Исои Масеҳ айбдор буданд, ба забон овард. Аммо, гуфт Петрус, онҳо низ метавонанд ба номи Масеҳ наҷот ёбанд. Агар фириста Петрус имрӯз зинда мебуд, ҳамин суханонро мегуфт. Петрус илҳоми илоҳӣ дошт, ва бе шубҳа, имрӯз ба мо ин ҳақиқатро такрор мекард. Баъзеҳо баъди марг метавонанд бубинанд, ки таълимоти онҳо хато ва бардурӯғ буд. Аммо, агар фириста Петрус аз Рӯҳи Пок пур шуда бошад, он гоҳ, бе шубҳа, ӯ ҳақиқатро хабар медод. Ва акнун, баъди дар Подшоҳии Осмон будан, агар фириста Петрус боз ба замин меомад, ӯ худи ҳамон гапро мегуфт: “Дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест, ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем” (Аъм. 4:12). Имрӯз гуноҳкореро ёфтан наметавон, ки ба номи Худованд Исои Масеҳ наҷот ёфта натавонад. Коҳинон дар куштани Исои Масеҳ, Писари Худо, айбдор буданд. Номи Масеҳ барои наҷоти ҳар як инсон кофист. Ҳақиқатан, Худои Таоло дар зери осмон номи дигаре надодааст. Аммо ин Ном барои наҷот комилан басанда аст. Мо барои наҷот ягон номи дигар надорем, ва он даркор ҳам нест. Ту танҳо ба Ӯ бовар кун.

### Миёнарави ягона

Исои Масеҳ таълим медод, ки наҷот танҳо дар Ӯ имконпазир аст. Ӯ мегуфт: “Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман” (Юҳ. 14:6). Исои Масеҳ ягона роҳест сӯи Худо. Исо ҳамчунин барои бо ин роҳ рафтани мо пурра кофист. Ва ба шумо роҳи дигар сӯи Худо даркор нест. Фириста Павлус низ ҳаминро таълим медод: “Зеро ки Худо ягона аст, ва воситачии байни Худо ва одамон низ ягона аст, ки Исои Масеҳи одамизод аст” (1Тим. 2:5). Азбаски як Худо ҳаст, миёнарави байни Худо ва одамон низ якто аст – Исои Масеҳ. Исо барои мо комил ва басанда аст. Ба мо ҳеҷ гуна миёнарави дигар даркор нест, на мард, на зан, на шахси муқаддас ва на фаришта. Исо ба ин нақш пурра мувофиқат

мекунад. Имрӯз Исои Масеҳ, дар ҷалол буда, Миёнарав, Пуштибон ва Тасаллодиҳанда аст. Худованд Исои Масеҳ чун Миёнарав гуноҳкоронро назди Худои Таоло меоварад. Аз боиси гуноҳҳои худ ҳеҷ кас наметавонад дар назди Худо биистад. Аммо Исои Масеҳ – Одам-Миёнарав – моро назди Худо оварда метавонад. Мо набояд аз Исои Масеҳ битарсем. Ӯ Одами меҳрубон буда, моро дӯст медорад. Ва барои назди Масеҳ омадан ёрии касе ба мо даркор нест. Ва Ӯ ҳамон Ягона Касест, ки моро назди Худо меоварад. Ба воситаи Исои Масеҳ назди Худо омада, ман фарзанди Худо мешавам. Ман дар ботини худ дорои табиати нав мешавам, ки дар ман хоҳиши ба Худо – Падари Осмонӣ хизмат карданро бедор мекунад. Аммо ҳар рӯз ба ман ёрӣ ва дастгирӣ даркор аст, вагарна ман боз ба гуноҳ меафтам. Ана он вақт нақши Исо чун Пуштибон муҳим мегардад. Исо метавонад ёрӣ диҳад: "Бинобар ин Ӯ мебоист аз ҳар ҷиҳат ба бародарони Худ монанд мешуд, то ки Саркоҳини раҳим ва амине ба ҳузури Худо бошад... Зеро, чӣ тавре ки Худи Ӯ аз озмоиш гузашта, уқубат кашидааст, ба озмудашавандагон низ метавонад мадад расонад" (Ибр. 2:17,18). Исо бо чунин мақсад зиндагӣ мекунад: "Ва ба ин сабаб низ метавонад доимо онҳоеро, ки ба василаи Ӯ сӯи Худо меоянд, наҷот диҳад, зеро ҳамеша зинда аст, то ки барои онҳо шафоат кунад" (Ибр. 7:25). Ва акнун мо мебинем, ки Исои Масеҳ дар ҷалоли Худ дар тарафи рости Худои Таоло нишастааст ва барои мо миёнаравӣ менамояд. Ҳамин тариқ Ӯ кӯшиш мекунад моро аз гуноҳ нигоҳ дорад. Аммо агар ба гуноҳ афтам, чӣ мешавад? Фириста Юҳанно дар номаи якум навишта буд: "...агар касе гуноҳ кунад, мо ба ҳузури Падар Шафоатгаре дорем, ки Исои Масеҳи Одил аст" (1Юҳ. 2:1). Фириста Юҳанно, ки аз Худо илҳом гирифта буд, намегӯяд, ки агар мо гуноҳ кунем, наҷотро ё Наҷотдиҳандаи худро аз даст медиҳем. Ва агар касе гуноҳ кунад, мо Пуштибон ва Шафоатгаре дорем, ки Исои Масеҳ аст. Ҳангоме ки ман эҳтиёҷи сахтро ба Ӯ ҳис мекунам, медонам, ки Ӯ ҳозир дар осмонҳо, дар ҳузури Худои Таоло барои ман дуо мекунад. Ва дигар барои ман касе даркор нест. Дуоҳои Масеҳ барои ман пурра басанда мебошанд. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки фиристаҳо Юҳанно ва Павлус – муаллифи Нома ба Ибриён ҳамроҳи фириста Петрус Худованд Исои Масеҳро ҷалол медиҳанд. Худи Худованд гуфта буд, ки Ӯ роҳи ягона аст. На дар осмон ва на дар замин ягон номи дигаре барои наҷот ёфтан вуҷуд

надорад. Ва зарурате ба он нест. Исо метавонад аз ҷазо ва аз қудрати гуноҳ наҷот диҳад. Танҳо Худованд туро наҷот дода метавонад. “Ба Исои Масеҳи Худованд имон овар, ва ту бо аҳли байти худ наҷот хоҳӣ ёфт” (Аъм. 16:31). Худи ҳозир ба Худованд бовар кун!

Ин дарсро аз худ намуда, ба саволҳои худтафтишкунии № 4 ҷавоб диҳед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса кунед. Муваффақиятҳои худро мустақилона баҳо диҳед. Баъд аз ин ба саволҳои имтиҳони ҷавоб диҳед.

**Саволҳо барои худтафтишкунии №4**

*Дар сутуни тарафи рост ҷавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. Петрус ба гадои ланг пул дод.

2. Фириста Петрус гуфт, ки мӯъҷизаи шифодиҳиро бо кувваи муқаддасии худ ба амал овард.

3. Петрус ба одамон эълон намуд, ки агар онҳо ҷазо бинанд, Худои Таоло гуноҳҳои онҳоро мебахшад.

4. Ба саволи саркоҳинон: “”Ба номи кӣ ва бо қуввати кӣ лангро шифо додӣ?” фириста Петрус ҷавоб дод: “Ба ном ва куввати Рӯҳи Пок”.

5. Петрус мегуфт, ки танҳо Исои Масеҳ метавонад моро наҷот диҳад.

6. Агар фириста Петрус имрӯз зинда мебуд, ӯ наҷотро на ба номи Исои Масеҳ, балки ба ягон чизи дигар асоснок менамуд.

7. Имрӯз баъзе одамон чунон ба гуноҳ ғӯтидаанд, ки наҷот ёфта наметавонанд.

8. Исо таълим медод, ки одамон танҳо ба воситаи Ӯ назди Худо омада метавонанд.

9. Исои Масеҳ коҳини мост, чунки Ӯ медонад, ки васваса шудан чист.

10. Ҳозир Худованд Исои Масеҳ назди Падари Осмонӣ Пуштибон ва Шафоатгари боваркардагон аст.

*Ҷавобҳои дурустро дар ҷадвали охири китоб нигаред. Ҷавобҳоеро, ки ба ин саволҳо додаед, ба мо нафиристед!*

## Дарси 5

## Петрус ва пирони калисо

### Петрус калидҳоро истифода бурд

Худованд Исои Масеҳ ба Петрус ваъда дода буд: “Калидҳои Малакути Осмонро ба ту месупорам” (Мат. 16:19). Аммо баъди муддате Петрус қасам хӯрда, мегуфт, ки ҳеҷ гоҳ бо Исо шинос набуд. Шумо метавонед гумон кунед, ки Худованд Исои Масеҳ барои ин гуноҳи Петрус фикри Худро дигар карда, аз ваъдаи худ даст кашид. Аммо баъди он ки Петрус тавба кард, Худованд ӯро бахшид. Ва ҳангоме ки вақт фаро расид, Ӯ ваъдаи Худро ба ҷо овард. Дар рӯзи Пантикост дар Уршалим фириста Петрус ба одамон Хушхабарро эълон намуд ва дарҳои марҳамат ва баракати Худоро ба одамон кушод. Дертар Петрус ба Қайсария омада, ба Корнилюси румӣ оиди Исои Масеҳ мавъиза намуд. Ҳамин тариқ, Петрус ба халқҳои ғайрияҳудӣ сӯи Исо роҳро кушод. Ваъдаҳои

Худо ҳеҷ гоҳ бекор карда намешаванд, балки ҳамеша иҷро мегарданд.

## Петрус парастиши худро рад мекунад

Петрус ҳақиқатан одами бузург буд. Ӯ аз он сабаб бузург буд, ки Худованд Исои Масеҳ ӯро чунин кард. Ӯ барои он бузург буд, ки оиди Исои Масеҳ мавъиза мекард ва Худовандро ҷалол медод. Дар айни ҳол ӯ одами оддӣ буд. Ҳангоме ки Петрус бори аввал ба хонаи Корнилюс даромад, вай барои эҳтироми ӯ ба зону афтид. Корнилюс ғайрияҳудӣ буд ва намедонист, ки ба ҳеҷ офарида саҷда кардан мумкин нест. Аммо Петрус инро хуб медонист. Ва ҳангоме ки Корнилюс пеши ӯ ба зону афтид, Петрус ӯро дарҳол аз зону бардошт. Дар китоби Аъмоли Фиристагони муқаддас гуфта шудааст: "Вақте ки Петрус дохили хона мешуд, Корнилюс ӯро пешвоз гирифт ва бар пойҳояш афтода, таъзим кард. Аммо Петрус ӯро ба по хезонда, гуфт: "Бархез, зеро ки ман низ инсон ҳастам"" (Аъм. 10:25,26). Фириста Павлус ва Барнаббо монанди Петрус амал намуда, ба одамон манъ менамуданд, ки онҳоро парастиш кунанд. Боре Павлус ва Барнаббо дар Лустра мӯъҷизаи бузург ба амал оварданд. Онҳо чун Петрус лангро шифо доданд. Мардуми ғайрияҳудии Лустра чунон ҳайрон шуданд, ки кӯшиш карданд ба Павлус ва Барнаббо қурбонӣ оваранд. Аммо ҳаввориён ин кӯшишро боздошта, нидо карданд: "Эй мардон! Чаро чунин мекунед? Мо низ мисли шумо одамони ноқис ҳастем ва ба шумо башорат медиҳем, ки аз бутҳои худ гашта, ба Худои Ҳай руҷӯъ намоед..." (Аъм. 14:15). Ва бо вуҷуди ин, онҳо мардумро аз парастидан ва қурбонӣ кардан барояшон базӯр боздоштанд. Боре подшоҳи бадкор Ҳиродус ҳамду санои мардумро қабул намуд, гӯё ки ӯ сазовори парастиш бошад. "Лекин баногоҳ фариштаи Худованд ӯро зад, зеро ки ӯ Худоро ҷалол надод, ва кирмҳо ӯро хӯрданд, ва ӯ мурд" (Аъм. 12:23). Танҳо Исои Масеҳ, Писари Худо, парастиши Худро дар ин ҷаҳон мепазируфт. Ҳатто фириста Юҳанно, муаллифи китоби Ваҳй, ҳангоме ки пеши пойҳои фаришта афтид, то ки ба ӯ таъзим кунад, сарзаниш карда шуд (Ваҳй 19:10; 22:8,9). Мо мебинем, ки фириста Петрус ба Корнилюс парастиш кардани ӯро манъ кард, ва ин кори ӯ дуруст буд.

**Хоксорӣ ва фурӯтании Петрус**

Масеҳиёни калисои ибтидоӣ бузургии Петрусро дарк менамуданд, аммо ба гӯшаи хотирашон намеомад, ки назди ӯ зону зананд. Баръакс, ҳангоме онҳо фикр мекарданд, ки корҳои Петрус ба Навиштаҳо мухолифат дорад, бо ӯ баҳс мекарданд: “Назди мардуми номахтун рафта, бо онҳо хӯрок хӯрдаӣ“ (Аъм. 11:3). Онҳо аз он сабаб чунин мегуфтанд, ки фириста Петрус ба хонаи Корнилюс, ғайрияҳудии номахтун, даромада буд. Агар баъзеҳо дар ҷои Петрус мебуданд, метавонистанд чунин гӯянд: “Шумо чӣ ҳақ доред маро, ки фиристаи Масеҳ ҳастам, танқид кунед?” Петрус метавонист аз ҳисобот додан ва фаҳмондани амалҳои худ даст кашад. Ба ҷои ин ӯ воқеаи рӯйдодаро нақл кард. Ҳангоме онҳо воқеаро фаҳмиданд, Худоро ҳамду сано хонданд. Фириста Петрус бар одамон ҳукмфармо набуд ва ба дигарон низ чунин карданро намефармуд. Дар замони масеҳияти ибтидоӣ дар ҳар як калисо пирон буданд, ки дар назди Худо барои беҳрӯзии масеҳиён масъул буданд. Фириста Петрус ба онҳо мегуфт: “Аз пирони шумо хоҳишмандам ман, ки низ пир ва шоҳиди уқубатҳои Масеҳ ҳастам... Рамаи Худоро, ки назди шумост, бичаронед ва ба он назорат кунед, на ба таври маҷбурӣ, балки ба таври ихтиёрӣ, чунон ки мақбули Худост, ва на аз барои тамаи нангин, балки аз сидқи дил, ва на ҳамчун касоне ки бар мероси Худо ҳукмронӣ мекунанд, балки ба рама намунаи ибрат нишон диҳед” (1Пет. 5:1-3). Боре дар Уршалим ҷамъомади калони масеҳиён баргузор гардид. Дар он фиристаҳо Петрус, Павлус, Барнаббо ва Яъқуб ҳамроҳи дигар фиристаҳо ва пирон ҳозир буданд. Баъди мубоҳисаи тӯлонӣ фириста Петрус аз ҷой бархеста, оиди коре ки Худо ба воситаи ӯ ба амал овардааст, сухан ронд. Сипас фиристаҳо Павлус ва Барнаббо оиди корҳои бузурге ки Худо ба воситаи онҳо дар байни халқҳои ғайрияҳудӣ ба амал овардааст, шаҳодат доданд. Ниҳоят, фириста Яъқуб аз ҷой хеста, бо иқтибосҳо аз Навиштаи Пок ҳаққонияти ҳамаи ин воқеаҳоро исбот намуд. Ҳатто Павлус ва Петрус, ки бо илҳоми илоҳӣ қисми китобҳои Паймони Навинро навиштаанд, эътибори Навиштаи Покро эътироф менамуданд. Мо таъкид мекунем, ки Петрус бар одамон ҳукмфармо набуд, балки “низ пир” буд ва онҳоро бо Каломи Худо “ғизо медод”. Фириста Петрус ба шубонон дар назди Сарвари чӯпонон – Худованд Исои Масеҳ

масъулият доштанашонро ёдрас намуд. Агар онҳо ба Ӯ росткорона ва боинсофона хизмат кунанд, “тоҷи ҷалолро, ки пажмурда намешавад”, ба даст меоваранд (1Пет. 5:4).

## Анҷумани якуми Калисо

Дар анҷумани якуми Калисо кадом масъала таҳлил карда мешуд? Фиристаҳо Павлус ва Барнаббо дар ҳама ҷо ба одамон мегуфтанд, ки танҳо ба воситаи файзи Худо наҷот ёфтан мумкин аст. Аммо якчанд яҳудиён аз ақиби фиристаҳо рафта, мегуфтанд, ки масеҳиён барои наҷоти худ бояд шариати Мусоро ба ҷо оваранд. Аммо наҷотро дар як вақт, ҳам мувофиқи файз ва ҳам ба воситаи иҷро намудани талаботи шариат ба даст овардан имкон надорад. “Аммо агар ин мувофиқи файз бошад, пас мувофиқи аъмол нест, вагарна файз дигар файз нашуда мемонад” (Рум. 11:6). Дар Навиштаи Пок гуфта шудааст: “Барои касе ки амал мекунад, муздаш на аз рӯи эҳсон, балки аз рӯи ӯҳдадорӣ ҳисоб карда мешавад; лекин барои касе ки амал намекунад, балки имон меоварад ба Он ки осиёнро* сафед мекунад, имонаш адолат ҳисоб карда мешавад” (Рум. 4:4,5). Анҷумани якуми Калисо қарор қабул намуд, ки наҷот танҳо аз рӯи файзи Худо дода мешавад. Бояд яке аз ду бошад: ё амалҳо, ё файз. Фириста Павлус оиди он мегуфт, ки наҷот ба воситаи файзи Худо ва бовари самимӣ дода мешавад. Аммо яҳудиён мегуфтанд, ки наҷот ба воситаи иҷрои фармудаҳо ба даст меояд. Фириста Петрус ва ҳамаи дигар муаллифони китобҳои Паймони Навин нуқтаи назари фириста Павлусро дастгирӣ менамуданд. Дар дарсҳои баъдина мо таълими фириста Петрусро оиди ин масъала муфассалтар меомӯзем. Арзишнокии фармудаҳои Худо дар чист? Худои Таоло дар фармудаҳои Худ эълон намуд, ки мо чиро бояд кунем ва чиро набояд кунем. Худои Таоло ҳеҷ гоҳ ба одамон наҷотро ба воситаи иҷрои фармудаҳои Ӯ ваъда надодааст. Мақсади фармудаҳо он буд, ки мардумро дар гуноҳкор буданашон бовар кунонад. Фириста Павлус гувоҳӣ медиҳад: “Лекин ман гуноҳро маҳз ба воситаи шариат донистаам. Зеро агар шариат намегуфт, ки “тамаъ* накун”, ман намедонистам, ки тамаъ чист” (Румиён 7:7). Шариат ба ман меъёрҳои комили рафторро нишон медиҳад.

* осиён – исёнкорон, мухолифаткунандагон

* тамаъ – хоҳиши нохуб

Шариат ба ман хабар медиҳад, ки Худои Таоло аз ман чӣ мехоҳад. Шариат ба ман барои иҷрои хоҳишҳо ва талабҳои Худо тавоноӣ ва қувват дода наметавонад, аммо он гуноҳкор будани маро исбот менамояд. Шариат ба ман нишон медиҳад, ки бояд Наҷотдиҳанда дошта бошам. Шариати Худо "...асокаши мо сӯи Масеҳ гардид, то ки ба воситаи имон сафед шавем" (Ғал. 3:24). Худованд Исои Масеҳ ҳама кореро, ки барои наҷоти мо даркор буд, ба ҷо овард. Дар салиб Ӯ нидо кард: "Иҷро шуд!". Ба кори иҷрокардаи Худованд илова кардани корҳои худ хатои калоне мебуд. Ин маънои онро медошт, ки кори Худованд Исои Масеҳ ба анҷом нарасидааст, – фаҳмидани ин хеле муҳим аст! Ҳар як дини бардурӯғе ки дар ҷаҳон ҳаст, мегӯяд, ки одамон бояд ягон кор кунанд, қоидаҳои муайянро ба ҷо оваранд, он гоҳ онҳо наҷот меёбанд. Ва танҳо таълимоти ҳақиқии Масеҳ мегӯяд, ки тамоми кор иҷро карда шудааст. Ва хеле хуб аст, ки фиристаҳо Павлус ва Петрус ин ҳақиқати бузургро ҳимоя карда тавонистанд. Аз ту танҳо талаб карда мешавад, ки ба Исои Масеҳ бовар кунӣ. Ба Худованд бовар кун!

Ин дарсро аз худ намуда, ба саволҳои худтафтишкунии №5 ҷавоб диҳед. Сипас ба саволҳои имтиҳон ҷавоб диҳед.

**Саволҳо барои худтафтишкунии №5**

Маводи дарси панҷумро чӣ гуна аз худ кардед? Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

*Дар сутуни тарафи рост ҷавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. Петрус бори аввал калидҳои Поршоҳии Осмонро дар рӯзи Пантикост истифода бурд.

2. Петрус бори аввал калидҳои Подшоҳии Осмонро барои он истифода бурд, ки дарҳои калисоро ба яҳудиён кушояд.

3. Калидҳои Подшоҳии Осмонро бори дуюм истифода бурда, фиришта дарҳои калисоро ба халқҳои ғайрияҳудӣ кушод.

4. Корнилюс ба Петрус таъзим намуда, кори дуруст кард.

5. Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки муқаддасон ва фариштаҳоро парастиш кардан лозим аст.

6. Калисо ва фириста Петрус ҳеҷ гоҳ ихтилофи ақидаҳо надоштанд.

7. Петрус худро сардори дигар ходимони Калисо меҳисобид.

8. Петрус ба пирони Калисо гуфт, ки онҳо бояд ба ӯ итоат кунанд.

9. Анҷумани якуми Калисо қарор дод, ки наҷот на бо корҳо, балки ба воситаи файз дода мешавад.

10. Ҳамаи динҳои дурӯғини ҷаҳон мегӯянд, ки одам барои наҷот бояд ягон кор кунад.

*Ҷавобҳои дурустро дар ҷадвали охири китоб нигаред. Ҷавобҳоеро, ки ба ин саволҳо додаед, ба мо нафиристед!*

## Дарси 6

## Петрус ва Модари Муборак

### Марям ва Худо

Марям, модари Худованди мо Исои Масеҳ, ҳақиқатан баракати Худоро соҳиб шудааст. Ӯ аз ҷониби Худо интихоб карда шуд ва шарафи ба ин ҷаҳон додани Худованд Исои Масеҳ ба ӯ насиб гардид. Фаришта Ҷаброил барои он фиристода шуд, ки ба Марям воқеаҳои ояндаро хабар диҳад. Фаришта ба ӯ гуфт: "Эй Марям, натарс, зеро ки ту назди Худо файз ёфтаӣ; ва инак, ҳомила шуда, Писаре хоҳӣ зоид, ва Ӯро Исо хоҳӣ номид; ва Ӯ бузург хоҳад буд ва Писари Ҳаққи Таоло номида хоҳад шуд..." (Луқ. 1:30-32). Марям аз Фаришта пурсид, ки ин чӣ тавр шуда метавонад. Сипас гуфт: "Инак, канизи Худованд ҳастам; бигзор бо ман аз рӯи каломи ту бишавад..." (Луқ. 1:38). Баъди ин Марям

барои хабаргирии Элисобаъ, модари Яҳёи Ғӯтадиҳанда, рафт. Ҳангоме ки ӯ ба хона даромад, Элисобаъ ба ӯ гуфт: “Ту дар миёни занон муборак ҳастӣ, ва муборак аст самараи шиками ту! Ва ин ба ман аз куҷост, ки модари Худованди ман назди ман омадааст?” (Луқ. 1:42,43). Ин суханонро шунида, Марям гуфт: “Ҷони ман Худовандро ситоиш мекунад, ва рӯҳи ман аз Худои Наҷотдиҳандаи ман ба ваҷд омад” (Луқ. 1:46,47). Аз ин суханони Навишта мо мебинем, ки Худои Таоло Марямро қадршиносӣ мекард, фаришта Ҷаброил Марямро эҳтиром менамуд ва Элисобаъ низ ӯро эҳтиром мекард. Аммо Марям Худои Таолоро ҳамду сано хонд ва Ӯро Наҷотдиҳандаи худ номид. Марям айнан монанди фириста Петрус (Аъм. 5:31), фириста Павлус (Аъм. 13:23), фириста Юҳанно (1Юҳ. 4:14) ва фириста Яҳудо (ояти 25) амал намуд. Ҳар кас бояд Наҷотдиҳанда дошта бошад. Исои Масеҳ барои ҳама Наҷотдиҳанда мебошад.

### Петрус ва Марям

Оё Петрус ягон вақт бо Марям гуфтугӯ карда буд? Ба мо маълум аст, ки гоҳо онҳо дар ҳамон як ҷой буданд. Аммо, дар Паймони Навин оиди он ки Марям ва Петрус бо ҳам гуфтугӯ карда бошанд, маълумоте нест. Мо се мавридеро дида мебароем, ки Петрус ва Марям дар ҳамон як ҷой буданд.

1. Боре Исои Масеҳ, модари Ӯ ва шогирдон ба базми арӯсӣ даъват шуда буданд. Ҳангоми зиёфати тӯёна май тамом шуд. Марям инро ба Исо гуфт. Исо ба вай ҷавоб дод: “Туро бо Ман чӣ кор аст, эй зан? Соати Ман ҳанӯз нарасидааст” (Юҳ. 2:4). Мо дар ин маврид бояд ба чӣ диққат диҳем? Аввалан, Марям ҳеҷ мӯъҷизае ба амал наовард. Сониян, Марям аз Петрус хоҳиш накард, ки мӯъҷиза ба амал оварад. Сеюм, вай ба хизматгорон маслиҳати оқилона дод: “Ҳар чи ба шумо бигӯяд, ба ҷо оваред”. Ин ягона фармони Модари муборак аст, ки дар Китоби Муқаддас сабт шудааст. Агар ҳозир ҳар кас мувофиқи маслиҳати Модари мубораки Исо амал менамуд, хеле хуб мешуд. Вай ба одамон танҳо маслиҳат дод, ки ба Исои Масеҳ итоат кунанд. Агар Марям имрӯз зинда мебуд, ин суханонро такрор мекард. Вай одамонро сӯи Худованд Исои Масеҳ равона мекард. Оё ту омода ҳастӣ, ки ба Худованд итоат кунӣ? Аввалан аниқ кардан даркор аст, ки Худованд аз ту маҳз чиро, чӣ кор кардани туро мехоҳад. Ҷавоби

ин саволро бо омӯхтани Навиштаи Пок ба даст овардан мумкин аст. Аммо танҳо омӯхтан бо мақсади омӯхтан кифоя нест. Аввал шунидан даркор аст, ки Каломи Худо чӣ мегӯяд, ва баъд мувофиқи он амал намудан даркор аст.

2. Вохӯрии дуюми Марям ва Петрус дар чунин вазъият воқеъ шуд: Боре Исои Масеҳ шогирдону пайравони Худро таълим медод. Ба хонае ки Ӯ ва шогирдон буданд, Марям ва бародарони Исо омада, хизматгорро фиристоданд, то Ӯро даъват кунад. Ҳозирон хоҳиши модар ва бародаронро оиди вохӯрдан расонданд. Аммо Исои Масеҳ ба онҳо ҷавоб дод: "Кист модари Ман ва бародарони Ман?" Ва ба атрофиён нигариста, гуфт: "Инак модари Ман ва бародарони Ман; зеро ҳар кӣ хости Худоро ба ҷо оварад, ҳамон кас бародару хоҳару модари Ман аст" (Марқ. 3:33-35). Бо ин суханон Худованд Исои Масеҳ изҳор намекунад, ки Петрус ва дигар шогирдон назар ба Марям барои Ӯ наздиктару азизтар ҳастанд. Исо мегӯяд, ки хости Худоро ба ҷо овардани мо муҳимтар аст. Хоҳиши тамоми умри Исои Масеҳ маҳз ҳамин буд. Ӯ мегуфт: "Инак, меоям, то ки иродаи Туро, эй Худо, ба ҷо оварам". Мардон ва занонеро, ки хости Худоро ба ҷо меоваранд, Исои Масеҳ "бародарону хоҳарон"-и Худ номидааст.

3. Марям ва фириста Петрус баъди аз мурдагон бархостан ва ба осмон рафтани Худованд Исои Масеҳ дар ҳамон як ҷой буданд. Дар китоби Аъмол 1:13 гуфта шудааст, ки боре фириста Петрус ҳамроҳи дигар фиристагон дар болохонаи манзиле буданд. Сипас гуфта шудааст: "Ҳамаи онҳо якдилона бо дуо машғул буданд, ва ҳамроҳашон занон ва Марям модари Исо ва бародарони Ӯ низ буданд" (Аъм. 1:14). Дар сатрҳои овардашуда Марям бори охир дар Навиштаи Пок зикр мешавад. Петрус бошад боз ва боз пайдо мешавад ва таълим медиҳад. Аммо на фириста Петрус, на фириста Павлус, на ягон муаллифи дигари Паймони Навин Марямро дигар зикр намекунанд. Мақсади номаҳои онҳо ба калисоҳои гуногун – паҳн намудани таълимот оиди Худованд Исои Масеҳ буд. Фиристаҳо мекӯшиданд масеҳиёнро таълим диҳанд, ки чӣ гуна бояд ба Худованд бо дуо муроҷиат намуд ва чӣ кор бояд кард. Дар айни ҳол онҳо ба Марям ишора намекарданд.

## Исо ва Марям

Худованд ба Модари Худ чӣ мегуфт? Ҳангоме ки Исо 12-сола буд, Юсуф  ва Марям Ӯро бо худ ба Уршалим бурданд. Ҳангоми ба Носира бозгаштан Исо дар маъбади Уршалим монд. Рӯзи сеюм Юсуф ва Марям Ӯро дар он ҷо пайдо намуданд; Исо бо муаллимони яҳудӣ гуфтугӯ мекард. Марям дар ҳайрат монда, аз ӯ пурсид: “Эй Фарзандам! Чаро Ту бо мо чунин рафтор кардӣ? Инак, падарат ва ман хеле ғусса хӯрда, Туро ҷустуҷӯ кардем” (Луқ. 2:48). Исо ба онҳо ҷавоб дод: “Чаро Маро ҷустуҷӯ кардед? Магар намедонистед, ки Ман бояд дар ҳамон ҷое бошам, ки ба Падарам тааллуқ дорад?” (Луқ. 2:49). Исо Модари худро хафа карданӣ набуд, аммо мехост итоаткор буда, Падари Осмонии Худро ҷалол диҳад. Исо ҳамроҳи волидон ба Носира баргашта, ба онҳо итоаткор буд. Аз суханони Худованд Исои Масеҳ медонем, ки касе ки мувофиқи хости Худо амал мекунад, ба Худои Таоло наздик ва азиз аст. Аммо, бо вуҷуди ин, ҳангоме ки Ӯ дар салиб бо азоб мемурд, Модари худро ба ёд овард. Ӯ ба Марям гуфт, ки шогирдаш Юҳанно барои вай писари ғамхор ва дӯстдор мешавад. Юҳанно дар ҳаққи вай ғамхорӣ хоҳад намуд, чунки танҳо будани зан хуб нест. Юҳанно бо хушнудӣ хости Худованди худро ба ҷо овард (Юҳ. 19:26,27).  Исои Масеҳ баъди марг дар салиб ва бархостан аз мурдагон ба Малакути Осмон даромад ва дар тарафи рости Худои Таоло нишастааст. Вазифаи Ӯ дар салиб ба анҷом расид. Ва акнун фаъолияти Ӯ аз он иборат аст, ки барои одамони Худо дуо мекунад: “...Зеро ки зинда аст, то ки барои онҳо шафоат кунад” (Ибр. 7:25). Мо боварӣ ҳосил кардем (дарси 4), ки Исои Масеҳ Пуштибон ва Миёнарави мост. Дигаре вуҷуд надорад. Ва ба мо ҳеҷ каси дигар даркор нест. Худи Исои Масеҳ метавонад барои наҷоти мо ҳама кори заруриро ба ҷо оварад.

Маводи дарсро аз худ намуда, ба саволҳои худтафтишкунӣ ҷавоб диҳед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳое ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса кунед. Муваффақиятҳои худро мустақилона баҳо диҳед. Сипас ба саволҳои имтиҳонии ин дарс ҷавоб диҳед.

**Саволҳои худтафтишкунии №6**

*Кӯшиш кунед ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Дар сутуни тарафи рост ҷавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. Элисобаъ Марямро “Модари Худованди ман” номид.

2. Марям Худоро Наҷотдиҳандаи худ меномид.

3. Дар Паймони Навин танҳо оиди се маврид, ки Марям ва Петрус дар ҳамон як ҷой буданд, маълумот ҳаст.

4. Маслиҳати Марям нисбати Худованд Исои Масеҳ аз он иборат аст, ки мо бояд ҳамаи он чиро, ки Ӯ мегӯяд, ба ҷо оварем.

5. Барои иҷрои ягона фармони Марям, ки дар Китоби Муқаддас ҳаст, мо бояд мувофиқи гуфтаи Исо амал ва рафтор намоем.

6. Ҳангоме Худованд Исои Масеҳ фаҳмид, ки Марям Ӯро дидан мехоҳад, Ӯ дарҳол ҳамаи корҳояшро гузошта, назди вай баромад.

7. Худованд Исо ҳамаи онҳоеро, ки хости Худоро ба ҷо меоваранд, бародарон, хоҳарон ва модарони худ меномад.

8. Дар болохонаи манзил, баъди ба осмон рафтани Худованд, ба мо одамоне нишон дода шудаанд, ки аз Марям ёрӣ мехоҳанд.

9. Худованд Исо ҳангоме дар салиб мемурд, ба Марям гуфт, ки Юҳанно дар ҳаққи вай ғамхорӣ мекунад.

10. Ҳозир оиди Худованд Исои Масеҳ фикр карда, мо бояд донем, ки Ӯ ҳозир дар тарафи рости Худои Таоло мебошад.

Ҷавобҳои дурустро ба саволҳои худтафтишкунӣ дар охири китоб нигаред. Диққат! Ҷавобҳои ин саволҳоро ба мо нафиристед!

## Дарси 7

### Раҳоӣ аз гуноҳ

Петрус одами бузург буд, аммо росткори комил набуд. Худо танҳо оиди Исои Масеҳ гуфта буд, ки "Ӯ гуноҳе накардааст" (1Пет. 2:22). Фириста Петрус аз Рӯҳ пур шуда ва бо роҳнамоии Ӯ ба боваркардагон бисёр чизҳоро ёд дод. Мо ба ҳаққонияти он чи Петрус таълим медод пурра боварӣ дошта метавонем. Агар фириста Петрус ҳозир зинда мебуд, худи ҳамон таълимотро баён мекард. Ҳамаи одамон бояд ба он чи Петрус дар Паймони Навин баён кардааст, бовар кунанд. Дар дарсҳои аз 7 то 12 мо ду номаи фириста Петрусро аз назар мегузаронем ва меомӯзем. Петрус оиди раҳоӣ аз гуноҳ чӣ мегӯяд?

### Наҷот аз ҷазо барои гуноҳ

Худои Таоло одамро офарид, бинобар ин ҳақ дорад ба ӯ гӯяд, ки кадом корро кардан даркор аст ва кадомашро не. Агар ягон кас иродаи Худоро пурра иҷро карда метавонист, гуноҳе намедошт. Баъзе касон изҳор менамоянд, ки комилан росткор ва бегуноҳанд. Аммо аз нуқтаи назари Худои Таоло ҳамаи одамон гуноҳкоранд. Дар Подшоҳии Осмон бошад танҳо шахси комилан бегуноҳ сокин шуда метавонад. Ҷазо барои иҷро накардани фармудаҳои Худо он аст, ки одам барои ҳамеша аз имконияти ба биҳишт рафтан маҳрум мешавад. Ман медонам, ки гуноҳкор ҳастам. Қарзи бузурги маро кӣ пардохт мекунад? Баъзеҳо боварӣ доранд, ки ҳамаи пулҳои худро тақсим карда ё бисёр корҳои нек карда, қарзи худро пардохта метавонанд. Аммо бо ин восита ба ин ноил шудан ғайриимкон аст. Дигарон чунин меҳисобанд, ки ягон каси дигар, ки нек ва меҳрубон аст, ба ҷои онҳо қарзро пардохт мекунад. Фириста Петрус дар ин бора чӣ мегӯяд? Ӯ мегӯяд: "Чун медонед, ки шумо на бо фидияи* нуқра, ё тилло харида шудаед аз ҳаёти ботиле ки аз падарони худ мерос гирифтаед, балки бо Хуни гаронбаҳои Масеҳ, ҳамчун барраи беайб ва пок" (1Пет. 1:18,19).

* фидия – фидо кардан, қурбон кардан

Фириста Петрус комилан аниқ мегӯяд, ки мо на ба воситаи тилло, нуқра ва пул бозхарид карда мешавем. Худои Таоло ҳамаи ашёҳои ин ҷаҳонро офарид, бинобар ин ба Ӯ пули касе даркор нест. Одам бо пул роҳ ба сӯи биҳиштро харида наметавонад. Бисёр касон барои пул ҷиноятҳои даҳшатовар содир мекунанд. Бинобар ин ӯ нуқра ва тиллоро "фонӣ" номидааст. Фириста Павлус навишта буд: "Зеро ки решаи ҳамаи бадиҳо зарпарастист..." (1Тим. 6:10). Баъзеҳо боварӣ доранд, ки бо пул ҳама чизро, ҳатто атои Худоро харидан мумкин аст. Боре Шимъӯн ном шахс ба Петрус пул доданӣ буд. Аммо Петрус онро қабул накард ва гуфт: "Бигзор пулат бо ту нест шавад, чунки ту гумон кардаӣ, ки атои Худоро ба бадали пул бихарӣ" (Аъм. 8:20). Чуноне ки барои пардохтани музди гуноҳ пул ба кор намеравад, корҳои нек низ барои бозхарид шудан ёрӣ намерасонанд. Фириста Павлус навишта буд: "Ӯ моро на бар тибқи аъмоли одилонае ки мо мекардем, балки ба ҳасби марҳамати Худ наҷот дод, ба василаи ғусли таваллуди дубора ва таҷдиде ки аз Рӯҳулқудс аст" (Тит. 3:5).Ҳамин тариқ, мо боварӣ ҳосил кардем, ки пул ё корҳои нек наметавонанд қарзҳои моро пӯшонанд ва Худоро водор намоянд, ки моро бахшад. Пас мо чӣ гуна наҷот ёфта метавонем? Фириста Петрус дар ин бора чӣ мегӯяд? Ӯ мегӯяд: "...На бо фидияи нуқра ё тилло харида шудаед, балки бо Худи гаронбаҳои Масеҳ, ҳамчун барраи беайб ва пок" (1Пет. 1:18-19). Яҳёи Таъмиддиҳанда Худованд Исои Масеҳро Барраи Худо номид. Дар салиби Ҷолҷолто Исо ҳаёти Худро дод ва Хуни худро рехт. Нархи бозхарид шудани мо чунин буд. Оё ин нарх кофист ё мо бояд боз ягон чиз пардохт намоем? Фириста Петрус Хуни Худовандро гаронбаҳо меномад. Гаронбаҳоии Хуни Худованд Исои Масеҳ дар чист? Арзишнокии хун ба он вобаста аст, ки он ба кӣ тааллуқ дорад. Хуни ҳайвонот арзиши зиёд надорад. Хуни одам арзиши баландтар дорад. Аммо Исои Масеҳ Писари Худост. Ҳаёти Исои Масеҳ беохир аст. Бинобар ин Хуни Ӯ бебаҳост. Арзиши он барои бозхарид намудани гуноҳҳои тамоми инсоният кофист. Фириста Юҳанно оиди Худованд Исои Масеҳ мегӯяд, ки "Ӯ кафорат аст барои гуноҳҳои мо, ва на танҳо барои гуноҳҳои мо, балки барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон низ" (1Юҳ. 2:2). Оё ин чунин маъно дорад, ки ҳамаи одамон наҷот меёбанд? Не! Аммо ин суханон маънои онро доранд, ки ҳар як одам наҷот ёфта метавонад. Барои ин мо бояд чӣ кор кунем? Мо

бояд ба Каломи Худо, ба он чи Худои Таоло мегӯяд, ва ба коре ки Худованд Исои Масеҳ барои наҷоти мо кардааст, бовар кунем. Ҳамин аст бовари ҳақиқӣ. Фириста Петрус бисёр вақт оиди бовари ҳақиқӣ мегуфт. Ӯ оиди он мегуфт, ки бовари мо аз тилло гаронбаҳотар аст (1Пет. 1:7). Мо медонем, ки марг ҷазоест барои гуноҳҳо бар зидди Худои Таоло. Аммо агар мо самимона ба Масеҳ бовар кунем, бо Хуни гаронбаҳои Ӯ наҷот ёфта метавонем. Агар мо ба Худованд Исои Масеҳ бовар кунем, Худои Таоло гуноҳҳоямонро мебахшад. Ва ҳангоме ки дар Подшоҳии Осмон назди Худо ҳозир мешавем, нахоҳем тарсид. Аммо мушкилотеро, ки ҳар рӯз дар ҳаёти ман пайдо мешаванд, чӣ тавр ҳал кунам? Чӣ гуна аз қудрати одатҳои бад, ки ҳар рӯз маро ба гуноҳ андохтанӣ мешаванд, барканор бошам? Инро танҳо бо ёрии қувваи Худои Таоло ҳал кардан мумкин аст.

### Раҳоӣ аз қудрати гуноҳ

Азбаски ман дарк намудам, ки гуноҳ исён бар зидди Худои Пок аст, акнун дар ман хоҳиши гуноҳ кардан пайдо намешавад. Ман мефаҳмам, ки гуноҳҳои ман зарурати дар салиб мурдани Исои Масеҳро ба миён оварданд. Ман бад дидани гуноҳ ва аз он барканор буданро ёд мегирам. Аммо дар ман ҳанӯз одатҳо ва фикрҳои кӯҳна боқӣ мондаанд. Чӣ метавонад маро аз гуноҳ боздорад? Фириста Яҳудо гуфтааст: “Худо қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад” (Яҳ. 24). Гуноҳкор будани худро эътироф намуда, фириста Павлус сипас мегӯяд: “...Ман шахси мискин ҳастам! Кӣ маро аз ин ҷисми гирифтори мамот раҳоӣ медиҳад?” (Рум. 7:24). Ва ҳамон замон ҷавоб медиҳад: “Худоро ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ шукр мегӯям” (Рум. 7:25).

Акнун мебинем, ки Петрус дар ин хусус чӣ мегӯяд.

### 1. Бовардорон бояд росткорона зиндагӣ кунанд

Фириста Петрус мегуфт, ки “...мо аз гуноҳҳои худ фориғ* шуда, барои адолат зиндагӣ кунем” (1Пет. 2:24). Дар ин вазъият чӣ гуна рафтор намоем? Ман гуноҳкори маҳкум ба марг будам.

* фориғ – холи (дар ин ҷо ба маънои аз гуноҳ халос шудан)

Довари Худо ҳатмист, бинобар ин амалан ман аллакай мурда будам. Аммо Худованд Исои Масеҳ барои ман мурд, бинобар ин ман зинда ҳастам. Аммо ҳаёти ман пурра ба Худованд тааллуқ дорад, ва ман бояд тамоми вақти худро бо ҷалол додани Исо гузаронам. "Зеро муҳаббати Масеҳ моро водор менамояд, ки чунин муҳокима ронем: Яке барои ҳама мурд, пас ҳама мурданд. Ва Масеҳ барои ҳама мурд, то ки зиндаҳо акнун на аз барои худашон зиндагӣ кунанд, балки барои Ӯ, ки аз барои онҳо мурд ва эҳё шуд" (2Қӯр. 5:14,15).

### 2. Мо бояд хоҳишҳои ҷисми худро боздорем

Фириста Петрус моро даъват мекунад, ки "... аз ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди ҷон қиём(бармехезанд) мекунанд" (1Пет. 2:11) худдорӣ намоем. Ӯ ҳамчунин мегӯяд, ки мо ҳозир наҷоти ҷонҳои худро ба даст меоварем (1Пет. 1:9). Пас, ин ҳавасҳои ҷисмро рафъ(бартараф) намуда, аз онҳо наҷот ёфтан мумкин аст. Ин танҳо ба воситаи Исои Масеҳ имконпазир аст. Ҳаворӣ Петрус мегӯяд: "Зеро ки шумо мисли гӯсфандони гумшудае будед, лекин ҳоло сӯи Чӯпон ва Нозири ҷонҳои худ баргаштаед" (1Пет. 2:25). Исои Масеҳ Шубон ва Нозири мост. Танҳо Ӯ метавонад дар ҳаққи мо ғамхорӣ кунад. Мо "бо қуввати Худо ба воситаи имон нигоҳ дошта мешавем барои наҷоте ки муҳайё шудааст..." (1Пет. 1:5). Худои Таоло ваъдаҳои мӯъҷизаосои аз гуноҳ нигоҳ доштани моро медиҳад. "... Ва Худо амин аст, ва Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то ки шумо тоб оварда тавонед" (1Қӯр. 10:13).

### 3. Ҳангоме ки шайтон васваса мекунад

Касе метавонад гӯяд: "Ҳангоме ки шайтон маро васваса мекунад, ман чӣ кор кунам?" Фириста Петрус ба чунин савол ҷавоб медиҳад: "Ҳушёр ва бедор бошед, чунки душмани шумо, иблис, мисли шери ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад; ба вай бо имони қавӣ муқобилат кунед, чун медонед, ки ин гуна уқубатҳо ба сари бародарони шумо низ, ки дар сар то сари ҷаҳон ҳастанд, меояд" (1Пет. 5:8,9). Иблис метавонад маро васваса кунад ва ба ҷарии гуноҳ тела диҳад.

Аммо ман бояд ба иблис муқобилат кунам ва ба ӯ таслим нашавам. Агар ман ба вай муқобилат кунам, вай маро тарк мекунад. Фириста Яъқуб даъват менамуд: “Ба Худо итоат намоед, ба иблис муқобилат кунед, ва ӯ аз шумо хоҳад гурехт” (Яъқ. 4:7). Диққат диҳед: агар ба Худо итоаткор бошем, иблисро гурезон карда метавонем.

Ҳаёти росткорона ба шарофати дахолати Рӯҳи Пок имконпазир аст. Ҳаёти росткорона, пок ба сар бурда тавонистан аз Рӯҳи Пок бармеояд. Ҳар касе ки ба Исои Масеҳ тааллуқ дорад, Рӯҳи Пок дорад. Фириста Петрус таълим медод: “...Аммо агар касе дорои Рӯҳи Масеҳ набошад, аз они Ӯ нест“ (Рум. 8:9). Кори Рӯҳи Пок дар дилҳои мо ва дар зиндагиҳои мо самар меоварад. Мо хости Худоро бо қувваи худ ба ҷо оварда наметавонем. Ва Худои Таоло тамоман намехоҳад, ки мо ин корро карданӣ шавем. Худо ба мо қувват медиҳад. “Аммо самари Рӯҳ инҳост: муҳаббат, шодмонӣ, осоиштагӣ, пурсабрӣ, меҳрубонӣ, марҳамат, имон, фурӯтанӣ, парҳезгорӣ” (Ғал. 5:22,23). Ҳамин тариқ, чуноне ки мо боварӣ ҳосил намудем, фириста Петрус ба мо (аз Худои Таоло) озодии пурраро аз гуноҳ ваъда медиҳад. Аввалан, Худо моро ба шарофати он (ва танҳо он!) бахшид, ки Исои Масеҳ Хуни гаронбаҳои худро рехт. Сониян, Масеҳ, Шубон ва Нозири ҷонҳои мо, – худи ҳозир ва дар ҳамин ҷо – моро аз қудрати одатҳои гуноҳкорона нигоҳ дошта метавонад ва нигоҳ медорад. Рӯҳи Пок бошад самарҳои беҳтарин мерасонад, ки барои Худо хушоянд ва писандида мебошанд. Оё ту мехоҳӣ аз ҷазо барои гуноҳҳо ва аз қудрати гуноҳ раҳоӣ ёбӣ? Ту худи ҳозир ба Писари Худо бовар карда, ба ин ноил шуда метавонӣ.

Маводи ин дарсро аз худ намуда, ба саволҳои худтафтишкунӣ ҷавоб диҳед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дурусте ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса кунед. Муваффақиятҳои худро мустақилона баҳо диҳед. Сипас ба саволҳои имтиҳонии ин дарс ҷавоб диҳед.

**Саволҳо барои худтафтишкунии №7**

*Кӯшиш кунед ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Дар сутуни тарафи рост ҷавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. Суханони “Ӯ ҳеҷ гуноҳе накардааст” оиди Петрус гуфта шудаанд.

2. Агар одам хуб кӯшиш кунад, худаш музди гуноҳҳояшро пардохта метавонад.

3. Петрус мегӯяд, ки мо дар ивази нуқра ва тилло наҷот ба даст меоварем.

4. Хуне ки Масеҳ барои гуноҳҳои мо рехт, бебаҳост.

5. Ҳар як одам наҷот хоҳад ёфт.

6. Гуноҳ исён бар зидди Худост.

7. Ба Исои Масеҳ бовар карда, фириста Павлус ҳаёти комилан бегуноҳона ба сар мебурд.

8. Унвони “Чӯпон ва Нозири ҷонҳои мо” ба Петрус дода шуда буд.

9. Иблис, чун шери ғуррон, ҳарифи хеле боқувват аст, ва бовардор ба он муқобилат карда наметавонад.

10. Худованд Исои Масеҳ бовардорро аз қудрати одатҳои бад худи ҳозир ва дар ҳамин ҷо наҷот дода метавонад ва наҷот медиҳад.

*Ҷавобҳои дурустро ба ин саволҳо дар охири китоб бинед. Диққат! Ин ҷавобҳоро ба мо нафиристед!*

## Дарси 8

### Чӣ гуна фарзанди Худо шавем ва Худоро шиносем

Оё ту мехоҳӣ фарзанди Худо шуда, инро бидонӣ? Қариб ҳар як шахс мехоҳад имтиёзи узви оилаи Худо буданро дошта бошад. Бисёр касон умед доранд, ки фарзандони Худо мешаванд. Аммо оё имкон дорад, ки одам ба оилаи Худо дохил шуда, дар он будани худро донад? Биёед, дида мебароем, ки фириста Петрус дар ин хусус чӣ мегӯяд.

### Чӣ гуна ман Фарзанди Худо шуда метавонам?

Комилан аниқ аст, ки Худои Таоло маро фарзанди Худ карда метавонад. Ҳар қадар ман худам кӯшиш кунам ҳам, ҳеҷ гоҳ узви оилаи Худо шуда наметавонам. Зиёда аз ин, чунин мақомро бо пул харидан ғайриимкон аст. Подшоҳи бенавошударо тасаввур кунед, ки ба пул эҳтиёҷ дорад. Тасаввур мекунем, ки ягон ҷавони сарватманд пайдо мешавад. Имкон дорад, ки подшоҳ бо мақсади беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ ӯро писархонд кунад. Аммо дар бадани шахси писархондшуда ҳеҷ гоҳ хуни падари нави ӯ ҷорӣ нахоҳад шуд, ва ӯ ҳеҷ гоҳ писари ҳақиқии Ӯ намешавад. Ва албатта Худо ба пул эҳтиёҷ надорад.

### 1. Чаро мо бояд “бори дигар зода шавем”?

Фириста Петрус мегӯяд: “Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки бо марҳамати бузурги Худ, ...моро аз нав ба вуҷуд овард...” (1Пет. 1:3). Аз нав ба вуҷуд омадан маънои аз нав зода шуданро дорад. Ҳар яки мо бо ҳаёти волидони худ, ки дар ӯст, ба ин ҷаҳон меояд. Маҳз ҳамин ба одамон имкон медиҳад, ки дар ин ҷаҳон зиндагӣ кунад. Аммо Подшоҳии Осмон аз ҷаҳони заминии мо хеле фарқ дорад. Бинобар ин, барои дар он ҷо зистан мо бояд тарзи нави зиндагӣ дошта бошем. Чунин зиндагиро танҳо бо як роҳ ба даст овардан мумкин аст – чун атои Худои Таоло. Дар Навиштаи Пок гуфта шудааст: “Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ” (Рум. 6:23).

**2. Чӣ гуна аз нав ба вуҷуд омадан мумкин аст?**

Аз нав ба вуҷуд омадан ва бо ҳаёти нав пур шудан ба воситаи Навиштаи Пок, Каломи Худо меояд. Фириста Петрус мегӯяд: "Ҳамчун касоне ки аз нав ба вуҷуд омадаед на аз тухми фонӣ, балки аз тухми бефано, ба василаи каломи Худо, ки зинда аст ва то абад боқист... Каломи Худо то абад боқист" (1Пет. 1:23,25). Фириста Петрус мегӯяд, ки аз нав ба вуҷуд омадани мо ба воситаи каломи бефанои Худо ба амал меояд. Бисёриҳо гумон мекунанд, ки бо ягон роҳи дигар фарзанди худо шудан мумкин аст. Аммо мо ба он чи фириста Петрус мегӯяд, бовар мекунем. Мо на бо тиллои фонӣ , балки бо Хуни гаронбаҳои Худованд Исои Масеҳ бозхарид шудаем. Бинобар ин мо на бо тухми фонӣ, балки бо Каломи Худо аз нав ба вуҷуд оварда шудаем. Азбаски ин ҳақиқат аст, ман бояд:

1. Навиштаи Пок, Каломи Худоро хонам. Чуноне ки мо пештар боварӣ ҳосил намудем (дарси 2), фириста Петрус бовар мекард ва таълим медод, ки Навиштаи Пок Каломи Худо буда, дорои илҳоми илоҳист. Ва агар ман онро бо диққат, бо фурӯтанӣ ва бо дуо хонам, Худо ба воситаи Каломи Худ ба ман муроҷиат мекунад.

2. Ба Китоби Муқаддас бовар кунам. Бисёриҳо Китоби Муқаддасро мехонанд, аммо дар асл ба он чун ба Каломи Худо бовар намекунанд ва итоат наменамоянд. Худованд Исои Масеҳ гуфтааст: "Ҳар гоҳ инро донистед, хушо шумо, агар инро ба амал оваред" (Юҳ. 13:17).

3. Исои Масеҳро Наҷотдиҳандаи худ эътироф кунам. Навишта ҳамчунин Масеҳро Каломи Худо меномад. Агар ман Исои Масеҳро қабул карда, ба номи Ӯ бовар кардаам, Ӯ ба ман қувват медиҳад, то фарзанди Худо шавам. Дар Навишта гуфта шудааст: "Ӯ назди мансубони Худ омад, ва мансубонаш Ӯро қабул накарданд. Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд, ки на аз хун, на аз хоҳиши ҷисм, на аз хоҳиши марде, балки аз Худо таваллуд ёфтаанд" (Юҳанно 1:11–13).

**Чӣ гуна ман дониста метавонам, ки фарзанди Худо шудаам?**

Дар вақти ҷанг, ба ғайр аз як кӯдак, дигар ҳамаи писарони подшоҳ ҳалок шуданд. Доя дар ҷои бехатар пинҳон шуда, кӯдакро наҷот дод. Ҳангоме ки писар калон шуд, ба ӯ хабар доданд, ки ӯ писари подшоҳ аст. Дар аввал ӯ ҳеҷ ба ин бовар карда наметавонист. Ба ӯ коғазу ҳуҷҷатҳои расмӣ пешниҳод карда шуданд, ки писари подшоҳ будани ӯро тасдиқ менамуданд. Танҳо ҳамон вақт дили ҷавон аз осудагӣ ва шодӣ пур шуд.

**Чӣ гуна ман боварӣ ҳосил карда метавонам, ки фарзанди Худо ҳастам?**

1. Агар ин ба амалҳо ва рафтори ман вобаста мебуд, ҳеҷ гоҳ ба ин боварӣ ҳосил карда наметавонистам. Охир, амалҳои ман метавонанд нотамом монанд ё ба Худо писанд наоянд.

2. Ман боварӣ дошта метавонам, ки ин ба кори Масеҳ вобаста аст. Кори Худованд пурра анҷом ёфтааст ва бенуқсон аст. Ин кор кайҳо анҷом дода шудааст. Худованд Исои Масеҳ пеш аз марги Худ нидо кард: “Иҷро шуд!” Ин нидои Исои Масеҳ маънои онро дорад, ки ҳамаи кор иҷро шудааст. Худои Таоло кори кардаи Исои Масеҳро писандид ва қабул намуд. Худо Масеҳро аз мурдаҳо зинда карда, инро нишон дод ва тасдиқ намуд. Оё Худои Таоло мехоҳад, ки ман инро донам? Ҳа. Фириста Петрус гуфтааст: “Бинобар ин шумо тамоми ҷидду ҷаҳди худро ба кор бурда, ба имони худ некӯкориро изофа намоед, ба некӯкорӣ – хирадмандиро” (2Пет. 1:5). Каломи Худоро хонда ва ба он бовар карда, мо Худои Таолоро беҳтар мефаҳмем. Мо оиди фарзандони Худо шуданамон аз Навиштаи Пок мефаҳмем. Фириста Петрус ҳамчунин оиди “осоиштагӣ дар Исои Масеҳ” мегуфт. Фириста Павлус шаҳодат медод: “Пас, мо бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ сулҳу осоиштагӣ дорем” (Рум. 5:1). Агар Худои Таоло хоҳад, ки ман осоиштагӣ ва оромӣ дошта бошам, Ӯ ба ман далели бовариноки бахшида шудани гуноҳҳоям ва чун фарзанд эътироф шуданамро пешниҳод менамояд. Кас метавонад ба воситаи Навиштаи Пок ва Рӯҳи Пок ба ин боварӣ ҳосил кунад. Фириста Юҳанно гувоҳӣ медиҳад: “Ба шумо, ки ба исми Писари Худо имон доред, инро навиштаам, то донед, ки шумо ба Писари Худо имон дошта, ҳаёти ҷовидонӣ доред” (1Юҳ. 5:13). Ҳамин тариқ, мо боварӣ ҳосил намудем, ки ба воситаи Каломи Худо фарзанди Худо шудан ва инро аз Каломи Худо донистан мумкин аст.

**Агар фарзанди Худо гуноҳ кунад, чӣ мешавад?**

Азбаски ман бо кори анҷомдодаи Худованд Исои Масеҳ наҷот ёфтаам, барои наҷоти худ ягон коре кардани ман даркор нест. Аммо акнун Худои Таоло аз ман итоаткории пурраро интизор аст, чуноне ки ба фарзанди Ӯ сазовор аст. Агар ман беитоат бошам, Худо маро ҷазо медиҳад. Ҳангоме ки ман ба Исои Масеҳ чун ба Наҷотдиҳандаи худ бовар кардам, Худои Таоло ба ман ҳаёт ва хушбахтӣ дод. Аммо агар баъди ин ба Ӯ беитоатӣ кунам, Худо маро аз хушбахтӣ маҳрум мекунад, аммо на аз ҳаёт.

1. Мо на ба воситаи амалҳо, балки бо файз наҷот ёфтаем. Дар Навиштаи Пок гуфта шудааст: “Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад” (Эфс. 2:8-9).

2. Аммо мо бояд бо ёрии Худо корҳои нек карда, зиндагӣ намоем: “Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем” (Эфс. 2:10).

3. Агар мо ба Худо беитоатӣ кунем, Ӯ моро ҷазо медиҳад: “Зеро ки Худованд ҳар киро дӯст дорад, ҷазо медиҳад; ҳар писари писандидаи Худро мезанад” (Ибр. 12:6). Мо набояд ба ҳаёти гуноҳолуди пештара баргардем. Фириста Петрус мегӯяд, ки баъзе касон ба сагҳо ё хукҳо монанд ҳастанд: «Ба онҳо ҳамон чизе рӯй додааст, ки дар ин зарбулмасали дуруст гуфта мешавад: “Саг ба қайи худ баргашт”, ва: “Хук баъд аз шустушӯй рафт, ки дар лой ғел занад”» (2Пет. 2:22). Фарзанди Худо будан ва инро донистан хеле хуб аст! Чун писар ман Падари Осмонии дӯстдор дорам. Ман дар осмон хонае дорам, ки маро дар он Исои Масеҳ қабул мекунад. Дар оилаи Худо ман бародарон ва хоҳарон дорам. Худои Таоло дар ҳаққи ҳар як фарзанди Худ ғамхорӣ мекунад. Худо мехоҳад, ки ту хушбахт бошӣ. Худованд Исои Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи Худ аз самими дил қабул намо, ва он гоҳ ту фарзанди ҳақиқии Худо, фарзанди Падари Осмонӣ мешавӣ. Оиди суханони Навиштаи Пок, ки дар ин дарс оварда шудаанд, хуб андеша намо ва ба онҳо бовар кун. Ту хушбахт мешавӣ, ҳангоме дарк мекунӣ, ки ба оилаи Худо дохил шудаӣ.

Ин дарсро аз худ намуда, ба саволҳои худтафтишкунии №8 ҷавоб диҳед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дурусте ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса кунед.

**Саволҳо барои худтафтишкунии №8**

*Дар сутуни тарафи рост ҷавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. Танҳо Худи Худо метавонад касро фарзанди Худ кунад.

2. Маънои "аз нав ба вуҷуд омадан" аз нав зода шудан аст.

3. Ҳаёти абадӣ бояд чун атои Худо қабул карда шавад.

4. Барои аз нав ба вуҷуд омадани шахс Каломи Худо даркор аст.

5. Агар кас хоҳиши сахт дошта бошад, бо роҳи табиӣ фарзанди Худо шуда метавонад ("аз рӯи хешовандии хамхунӣ").

6. Азбаски аз нав ба вуҷуд омадани кас ба кори Худованд Исои Масеҳ вобаста аст, имконияти он комилан ҳаққонист.

7. Осоиштагӣ бо Худои Таоло танҳо ба онҳое меояд, ки ҳаёти бегуноҳона ба сар мебаранд.

8. Сафедшавӣ ба воситаи бовар ба амал меояд.

9. Фарзанди Худо шуда, кас аз ҷазо натарсида, гуноҳ карда метавонад.

10. Наҷотёфтагон бояд корҳои нек кунанд.

Ҷавобҳои дурустро ба ин саволҳо дар охири китоб нигаред. Диққат! Ҷавобҳои худро ба саволҳои худтафтишкунӣ ба мо нафиристед! Баъд аз ин ба саволҳои имтиҳони аз ҷавоб диҳед.

**Дарси 9**

**Масеҳ Чӯпон ва Нозири ҷонҳои мост**

Дар дарси 4 мо донистем, ки Худованд Исои Масеҳи ҷалолёфта Миёнарав, Шафоаткунанда ва Пуштибони мост. Дар ин дарс мо мефаҳмем, ки фириста Петрус Худовандро Чӯпон ва Нозири ҷонҳои мо меномад. Фириста Петрус навишта буд: "...Чунки Масеҳ низ барои шумо уқубат кашида, ба шумо намунаи ибрат боқӣ гузошт, то ки аз пайи Ӯ равона шавед... Гирифтори бадгӯӣ гардида, Ӯ ҷавобан бадгӯӣ намекард, азоб кашида, таҳдид намекард, балки Худро ба Довари Одил месупурд; Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар бадани Худ ба дор бардошт, то ки мо аз гуноҳҳо фориғ шуда, барои адолат зиндагӣ кунем: шумо аз ҷароҳатҳои Ӯ шифо ёфтед. Зеро ки шумо мисли гӯсфандони гумшудае будед, лекин ҳоло сӯи Чӯпон ва Нозири ҷонҳои худ баргаштаед" (1Пет. 2:21, 23-25).

**Масеҳ Чӯпони мо**

Маълум аст, ки чӯпон бояд дар ҳаққи гӯсфандон ғамхорӣ кунад. Ва агар Исои Масеҳ Чӯпони мо бошад, гӯсфандони Ӯ киҳоянд ва Ӯ барои онҳо чӣ мекунад? Мо боварӣ ҳосил намудем, ки Исои Масеҳ Чӯпони Нек, Чӯпони Бузург ва Сарвари чӯпонон аст.

**1. Масеҳ Чӯпони Нек**

Худованд Исо Худро Чӯпони Нек меномид. Ӯ мегуфт: "Ман Чӯпони Некам: Чӯпони Нек ҷони худро барои гӯсфандон фидо мекунад" (Юҳ. 10:11). Чӯпони Нек тайёр аст ҷони худро барои наҷот додани гӯсфандон фидо кунад. Боре, ҳангоме ки подшоҳ Довуд чӯпон буд, хирс ва шер ба гӯсфандон ҳуҷум карданд. Довуд ҳаёти худро ба хатар гузошта, даррандаҳои хунхорро кушт. Аммо Худованд Исо барои наҷот додани гӯсфандони Худ ҳаёташро дод. Исо дар салиби Ҷолҷолто кушта шуд. Масеҳ

ҳақиқатан Чӯпони Нек аст. Ӯ мегуфт: “Гӯсфандони Ман ба овози Ман гӯш медиҳанд, ва Ман онҳоро мешиносам, ва онҳо Маро пайравӣ мекунанд, ва Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ мебахшам, ва онҳо то абад талаф нахоҳанд шуд, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Ман кашида гирад; Падаре ки онҳоро ба Ман дод, аз ҳама бузургтар аст, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Падари Ман кашида гирад: Ман ва Падар як ҳастем” (Юҳ. 10:27-30).

Гӯсфандони Ӯ киҳоянд? Онҳо касоне мебошанд ки овози Ӯро мешунаванд ва Ӯро пайравӣ мекунанд (о. 27). Ту овози Исои Масеҳро, ки аз саҳифаҳои Навиштаи Пок ба ту мурочиат мекунад, шунида метавонӣ. Оё Ӯро пайравӣ кардан мехоҳӣ? Агар чунин хоҳиш дошта бошӣ, ҳеҷ гоҳ талаф нахоҳӣ шуд, ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ наметавонад туро аз дасти Худованд ва Падари Ӯ кашида гирад. Ту боварӣ хоҳӣ дошт, ки гӯсфанди Ӯ, фарзанди Ӯ ҳастӣ. Фириста Петрус ба мо се чизро хабар медиҳад, ки ҳар кас бояд донад. Аввалан, “Масеҳ барои мо уқубат кашид” (1Пет. 2:21). Сониян, “Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт” (1Пет. 2:24). Сеюм, “Масеҳ ... барои гуноҳҳои мо уқубат кашид, яъне одил барои золимон ба ҳасби ҷисм кушта шуд” (1Пет. 3:18). Дар ояти аввалӣ Петрус мегӯяд, ки Исои Масеҳ барои мо уқубат кашид. Ман аз боиси гуноҳҳоям ба марг маҳкум шуда будам. Ман бо пул ё бо корҳои нек аз ин ҳукм раҳоӣ ёфта наметавонистам. Ба ҷои ман Исои Масеҳ уқубат кашид. Ва ман ба Ӯ бовар кардам. Ва акнун ман набояд барои гуноҳҳоям уқубат кашам.

Фириста Петрус боз мегӯяд, ки ин Худи Исои Масеҳ дар ҷисми Худ буд. Исои Масеҳ дар салиби Ҷолҷолто мехкӯб шуда, бо ҷисм ва хуни Худ барои гуноҳҳои мо ҷазо дид. Ибораи “бадани Масеҳ” ба маъноҳои зиёд истифода мешавад. Аммо аён аст, ки ин ҷо сухан дар бораи бадани табиӣ, оиди ҷисми одамии Масеҳ меравад. Ягон мард, зан, фаришта ё шахси муқаддас ба ҷои Исои Масеҳ буда наметавонанд. Ӯ комил ва беайб буд. Ӯро бо касе иваз кардан имкон надорад. Ва ин зарур ҳам нест. Фириста Петрус ба мо мегӯяд, ки Исои Масеҳ боре ҳаёти худро барои гуноҳҳои мо дод. Агар қурбонии якум нуқсон медошт ва нопурра мебуд, лозим меомад, ки боз қурбониҳо оварда шаванд. Аммо Худованд Исои Масеҳ гуфт: “Иҷро шуд!” Ва Худои Таоло Масеҳро аз мурдаҳо зинда карда, кофӣ ва комил будани қурбонии

Ӯро эътироф намуд. Дар замони Паймони Куҳан ба шарафи Худои Таоло миллионҳо қурбониҳо оварда мешуданд. Аз афташ, ин қурбониҳо барои комил гардондани одамоне ки ин қурбониҳоро меоварданд, кофӣ набуданд. Вагарна муддати зиёд ҳамон як қурбониҳоро овардан зарур намебуд. Дар Навишта гуфта шудааст: "... Айни ҳамон қурбониҳое ки ҳамеша, сол ба сол тақдим карда мешаванд, тақдимкунандагонро комил гардонда наметавонанд. Вагарна, ба тақдим кардани онҳо хотима медоданд, чунки тақдимкунандагони қурбонӣ як бор татҳир ёфта(пок шудан), дигар ҳеҷ идроки(фаҳмидан, пай бурдан) гуноҳҳоро намедоштанд...Ва ҳар коҳин ҳар рӯз дар ибодат меистад, ва айни ҳамон қурбониҳоро борҳо тақдим менамояд, ки онҳо ҳаргиз наметавонанд гуноҳҳоро нест кунанд. Аммо Ӯ як қурбониро ба сурати абадӣ барои гуноҳҳо тақдим намуда, ба ямини Худо бинишаст... Зеро ки Ӯ ба василаи як қурбонӣ тақдисшавандагонро то абад комил гардондааст" (Ибр. 10:1,2; 11,12, 14). Қурбонии Масеҳ комил ва пурра буд. Он қурбонии такрориро наметалабад. Агар гӯем, ки чунин қурбониро такрор кардан даркор аст, ин маънои онро медошт, ки қурбонии Масеҳ нопурра ва нокифоя буд. Навиштаи Пок моро таълим медиҳад: "На аз барои он ки борҳо Худро қурбонӣ кунад, чунон ки саркоҳин ҳар сол ба қудс бо хуни дигарон медарояд. Вагарна Ӯ мебоист аз ибтидои олам борҳо уқубат мекашид. Аммо Ӯ алҳол, дар охири замонҳо, як бор зоҳир шуд, то ки бо қурбонии худ гуноҳро нест кунад" (Ибр. 9:25,26). Ҳамин тариқ, Худои Таоло масъалаи гуноҳро барои шахси бовардор барои ҳамеша ҳал намуд. Худо мегӯяд: "Ва гуноҳҳо ва шароратҳои онҳоро ба ёд нахоҳам овард. Ва дар он ҷое ки омурзиши гуноҳҳо ҳаст, қурбонӣ барои онҳо дигар лозим нест" (Ибр. 10:17,18).

**2. Чӯпони Бузург**

Дар охири Номаи фириста Павлус ба ибриён мо мехонем: "Ва Худои осоиштагӣ, ки Чӯпони Бузурги гӯсфандон – Исои Худованди моро бо хуни аҳди абадӣ аз мурдагон ба по хезонд, бигзор шуморо дар ҳар кори нек барои иҷрои иродаи Ӯ комил гардонад ва он чи ба Ӯ писандида бошад, дар шумо ба василаи Исои Масеҳ ба амал оварад, ки Ӯро то абад ҷалол бод! Омин" (Ибр, 13:20, 21). Кори Чӯпони Бузурги гӯсфандон аз он иборат

аст, ки ба мо дар иҷро намудани хости Худо ёрӣ диҳад. Дар дарси 7 мо донистем, ки Худованд Исои Масеҳ моро аз ҷазо барои гуноҳ ва тавоноии он озод мекунад. Масеҳ чун Чӯпони Нек барои мо мурд ва моро аз ҷазо барои гуноҳ раҳо намуд. Худои Таоло Масеҳро аз мурдагон зинда кард, ва акнун Ӯ, чун Чӯпони Бузург, ҳар рӯз ба мо дар иҷро намудани хости Худо ёрӣ мерасонад. Ҳамин тариқ, Ӯ моро аз қудрати гуноҳ наҷот медиҳад.

### 3. Сарвари чӯпонон

Фириста Петрус, чун Худованд Исои Масеҳ Худро Чӯпони Нек меномид, ки омад, то барои гӯсфандони Худ дар салиб бимирад. Ба Петрус маълум буд, ки Худованд Исои Масеҳ боз меояд, то ки бар ин ҷаҳон ҳукмронӣ кунад (ниг. дарси 12). Ва ҳангоме ки Ӯ меояд, мукофоти онҳоеро, ки ба Ӯ вафодорона хизмат кардаанд, медиҳад. Аммо ин ҳаёти ҷовидон ё ҷой дар биҳишт нест. Ҳаёти ҷовидон атои Худост. Дар Навиштаи Пок гуфта шудааст: “... Бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ” (Рум. 6:23). Сарвари чӯпонон барои хизмати вафодорона мукофоти мӯъҷизаосо пешкаш менамояд. Фириста Петрус ин мукофотро тоҷи ҷалол меномад. Ӯ дар номаи якум менависад: “Ва ҳангоме ки Сарвари чӯпонон зоҳир шавад, шумо тоҷи ҷалолро, ки пажмурда намешавад, хоҳед ёфт” (1Пет. 5:4). Ин ваъда ба сарварони калисо дахл дошт. Аммо ҳангоме ки Исои Масеҳ дар ҷалоли Худ бозмеояд, ҳар як фарзанди Худо метавонад сазовори мукофот шуда, онро ба даст оварад. Ин масъаларо дар дарси 11 муфассалтар дида мебароем.

### Масеҳ Нозири ҷонҳои мо

Фириста Петрус Исои Масеҳро Чӯпон ва Нозири ҷонҳои мо меномад. Ӯ ҳамчунин Ӯсқуфи ҳамаи калисоҳо номида шудааст. Калимаи “усқуф” маънои “нозир(назораткунанда)”-ро дорад. Исои Масеҳ чун Чӯпон дар ҳаққи мо ғамхорӣ менамояд, ҳидоят мекунад ва мехӯронад. Чун Усқуф, чун Нозир, ӯ моро назорат мекунад, то ки мо мувофиқи каломи Ӯ амал намоем. “Ҳар чи Ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оваред” (Юҳ. 2:5).

1. Нозири ман Исои Масеҳ хуб медонад, ки ман бо чӣ кор машғулам ва дар хона чӣ гуна рафтор менамоям. Фириста Петрус нисбати рафтор дар ҷамъият ва дар хона бисёр тавсияҳо меоварад.

а) "Эй маҳбубон! Аз шумо, ҳамчун ғарибон ва муҳоҷирон, хоҳишмандам, ки аз ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди ҷон қиём мекунанд, парҳез намоед ва дар миёни халқҳо умри некӯкорона ба сар баред, то ки онҳо ба ҷои он ки дар ҳаққи шумо ҳамчун бадкирдорон бадгӯӣ кунанд, аъмоли некатонро дида, Худоро дар рӯзи тафаққуд* ҳамду сано хонанд" (1Пет. 2:11,12).

б) "Ҳамчунин шумо, эй занон, ба шавҳарони худ итоат намоед" (1Пет. 3:1).

в) "Ҳамчунин шумо, эй шавҳарон, бо занон бомулоҳиза рафтор кунед" (1Пет. 3:7). Исои Масеҳ ҳатто фикрҳои маро медонад. Фириста Петрус оиди водор намудани ақли поки мо мегӯяд, то ки ҳақиқати омӯхтаамонро дар ёд нигоҳ дорем. Петрус навишта буд: "Ин номаи дуюм аст, ки ба шумо, эй маҳбубон, менависам; дар онҳо бо роҳи ёдоварӣ фикри поки шуморо таҳрик(ҳаракат кунондан) медиҳам" (2Пет. 3:1). Худованд Исои Масеҳ ҳақ дорад оиди ҳаёти ман ҳама чизро донад. Ва хуб мебуд, агар ҳамаи он чи ӯ мебинад, ба Каломи Ӯ мувофиқат кунад.

2. Исои Масеҳ ҳамчунин Нозири ҳамаи калисоҳо аст. Дар китоби Ваҳйи Юҳанно, дар се боби аввал нишон дода шудааст, ки Худованд Исои Масеҳ фаъолияти калисоро тафтиш мекунад. Баъзе калисоҳо бо фаъолияти худ сазовори таърифи Ӯ шуда буданд, ва Худованд ваъда додааст, ки ба онҳо мукофот диҳад. Фаъолияти калисоҳои дигар ба талаботи Каломи Ӯ мувофиқат намекарданд. Худованд оиди яке аз чунин калисоҳо чунин гуфтааст: "Лекин азбаски ту ширгарм ҳастӣ, яъне на гарм ва на сард, бинобар ин туро аз даҳони Худ қай хоҳам кард" (Ваҳй 3:16). Дар ҳар ҷое бошам, дар ҷои кор, дар калисо, ва ҳатто дар фикрҳои ман, – ҳама чиз бояд ба Каломи Ӯ мувофиқат кунад. Танҳо ҳамин тавр Исои Масеҳро, ки ҳаёти Худро барои мо додааст, қаноатманд намудан мумкин аст.

---

* тафаққуд – 1. Меҳрубонӣ
2. ҷустуҷӯ

Ин дарсро аз худ намуда, ба саволҳои худтафтишкунии №9 ҷавоб диҳед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дуруст, ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса кунед. Сипас ба саволҳои имтиҳонии ин дарс ҷавоб диҳед.

**Саволҳо барои худтафтишкунии №9**

*Кӯшиш кунед ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Дар сутуни тарафи рост ҷавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. Унвонҳои Чӯпони Нек, Чӯпони Бузург ва Сарвари Чӯпонон ба Худо-Падар, Писар ва Рӯҳи Пок дахл доранд.

2. Худованд Исои Масеҳ барои гӯсфандони Худ ҷонашро фидо намуд.

3. Гӯсфандони Худованд Исои Масеҳ онҳое мебошанд, ки овози Ӯро мешунаванд ва аз пайи Ӯ мераванд.

4. Масеҳ як бор барои гуноҳҳо мурд.

5. Қурбонии Масеҳ барои нигоҳ доштани арзишнокии худ бояд ҳар рӯз ба ҷо оварда шавад.

6. Худои Таоло мегӯяд, ки дар рӯзи Доварӣ Ӯ аз бовардор оиди гуноҳҳои кардааш ҳисобот талаб мекунад.

7. Худованд Исои Масеҳ, чун Шубони бузург, моро аз қудрати гуноҳ ҳимоя мекунад.

8. Калимаи “нозир” маънои “назораткунанда”-ро дорад.

9. Агар бовари одам воқеӣ бошад, рафтораш аҳамияти зиёд надорад.

10. Худованд Исои Масеҳ, Чун Нозир ва Усқуф, ба Каломи Ӯ мувофиқат доштани фаъолияти калисоҳоро назорат мекунад.

Ҷавобҳои дурустро ба ин саволҳо дар охири китоб бинед. Диққат! Ин ҷавобҳоро ба мо нафиристед.

## Дарси 10

### Чӣ гуна коҳин ва муқаддас шавем

Дар дарси 8 мо бо таълимоти Петрус оиди чӣ гуна фарзанди Худо шудан хондем. Ба ин ноил шудан осон аст – бо Каломи Худо ва бовар ва Худованд Исои Масеҳ. Акнун мо ягона сатрҳои Навиштаи Покро дида мебароем, ки он ҷо фириста Петрус чӣ гуна коҳин шуданро таълим медиҳад. Табиист, ки фириста Павлус ва дигар муаллифони Паймони Навин низ дар ин хусус суханҳо гуфтаанд. Мо баъзеи ин суханрониҳоро аз назар мегузаронем. Бояд дар ёд дошт, ки ҳамаи китобҳои Навиштаи Пок бо илҳоми илоҳӣ навишта шудаанд. Ҳамаи онҳо ҳақиқати илоҳиро дар бар мегиранд, на чизи дигарро. Пас, ҳама қисмҳои Китоби Муқаддас нисбати таълимоти Худо бо ҳам мувофиқат доранд. Ҳақиқатан, дар Китоби Муқаддас ҳеҷ гуна ихтилофоти ҳақиқӣ буда наметавонанд, чунки ҳамаи он чи баён шудааст, ҳақиқати Худост. Бинобар ин, агар фиристаҳо Петрус, Павлус ва дигарон тафсири худи ҳамон масъалаи умумиро таълим диҳанд, тафсирҳои онҳо мухолифат надоранд, балки ба ҳам мувофиқат мекунанд.

### Чӣ гуна коҳин шудан мумкин аст

Фириста Петрус оиди коҳинон сухан ронда, чиро таълим медод? Ӯ чунин мегуфт: “Худатон низ, ҳамчун сангҳои зинда, аз худ хонаи рӯҳонӣ, каҳонати муқаддас барпо намоед, то ки қурбониҳои рӯҳонии мақбули Худоро ба василаи Исои Масеҳ тақдим кунед” (1Пет. 2:5). “Лекин шумо насли баргузида, каҳонати шоҳона, халқи муқаддас, қавме ҳастед, ки мулки азизи Худо дониста шудаед, то аз камолоти Ӯ, ки шуморо аз зулмот ба

рӯшноии аҷиби Худ даъват намудааст, нақл кунед” (1Пет. 2:9). Фириста Петрус танҳо дар ин оятҳои овардашуда оиди каҳонат мегӯяд. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳамаи касоне ки ӯ номаашро ба онҳо навиштааст, аввалан, каҳонати муқаддас, ва, сониян, каҳонати шоҳона мебошанд. Калимаи “муқаддас” маънои онро дорад, ки каҳонат аз муқаддасон иборат аст. Калимаи “шоҳона” маънои онро дорад, ки он аз подшоҳон иборат аст. Коҳини муқаддас дар назди Худои Таоло мақоми махсус дорад. Коҳини шоҳона дар байни одамон мақоми махсус дорад. Фириста Петрус мегӯяд, ки коҳини муқаддас бояд қурбониҳои рӯҳонӣ оварад, ки ба воситаи Худованд Исои Масеҳ ба Худо писанд меоянд. Ӯ ҳамчунин мегӯяд, ки коҳини шоҳона бояд ҷалол додани Касеро, ки моро аз торикӣ ба рӯшноии аҷиби Худ даъват намудааст, ба одамон эълон намояд. Мо қурбониҳои рӯҳониро чӣ гуна пешкаш менамоем? Дар Номаи фириста Павлус ба ибриён гуфта шудааст, ки қурбониҳои шукрона самари лабҳои мо мебошанд, ки ба номи Ӯ ҳамду сано мехонанд. “Бинобар ин ҳамеша ба василаи Ӯ қурбонии шукронаро ба Худо тақдим менамоем, яъне самараи лабҳоеро, ки ба исми Ӯ ҳамду сано мехонанд” (Ибр. 13:15). Ҳар касе ки Худованд Исои Масеҳро дӯст медорад, метавонад ба Худои Таоло шукрона гӯяд. Ҳар кас метавонад ба Худои Таоло ҳамду сано хондани худро ба сокинони ин ҷаҳон нишон диҳад. Ин коҳиноне ки фириста Петрус ба онҳо муроҷиат мекунад, киҳоянд? Табиист, ки Петрус ба хонандагони Номаи худ муроҷиат намуда, ҷонишини “шумо”-ро истифода мебарад: 1. “аз нав ба вуҷуд омадаед” (1Пет. 1:3); 2. “ба воситаи имон нигоҳ дошташудагон” (1Пет. 1:5); 3. “Исои Масеҳро надида дӯст медоред” (1Пет. 1:8); 4. “харида шудаед” (1Пет. 1:18). Ҳамаи ин нисбати ҳар касе ки ба Исои Масеҳ бовар мекунад, дуруст аст. Аммо фириста Петрус онҳоро коҳинон меномад. Ҳамин тариқ, мо бояд чунин хулоса барорем: фириста Петрус таълим медиҳад, ки ҳар як бовардор коҳин аст. Ва ин ҳақиқат аст. Коҳин касест, ки ба Худо махсусан наздик аст. Мувофиқи Паймони Куҳан, танҳо шахсони муайян сазовори коҳин шудан мегардиданд. Ҳар як яҳудӣ метавонист ба ҳавлии хаймаи ҷомеъ даромада, ба қурбонгоҳ наздик шавад. Аммо танҳо коҳинон ба Қудс даромада метавонистанд. Ва танҳо Саркоҳин як бор дар як сол ба Қудси қудсҳо даромада метавонист. Сипас, аз он ҷо баромада, ӯ одамонро баракат медод.

Дар Номаи фириста Павлус ба яҳудиён гуфта шудааст, ки танҳо Исои Масеҳ Саркоҳини Бузурги мост. “Пас мо, ки чунин Саркоҳини бузурге дорем, ки афлокро тай намудааст, ва Ӯ Масеҳи Писари Худост, эътирофи худро боматонат(устуворона) нигоҳ дорем” (Ибр. 4:14). Маҳз Масеҳ, хуни Худро рехта, ба мо имконият фароҳам овард, ки дар Қудси Осмон назди Худои Таоло ҳозир шавем. “Пас, эй бародарон, модоме ки мо ҷуръат дорем ба қудс ба василаи Хуни Исои Масеҳ бо роҳи нав ва зинда дохил шавем ва модоме ки мо Коҳини муаззаме бар хонаи Худо дорем, пас бо дили соф ва бо имони комил ... наздик оем” (Ибр. 10:19, 21, 22). Ҳавворӣ Петрус низ дар ҳамин хусус мегӯяд ва таълим медиҳад. Ӯ мегӯяд, ки Исои Масеҳ барои гуноҳҳои мо азоб кашид, ва Ӯ моро ба ҳузури Худо оварда тавонист. “Чунки Масеҳ низ, барои он ки моро сӯи Худо оварад, як бор барои гуноҳҳои мо уқубат кашид, яъне одил барои золимон” (1Пет. 3:18). Оё ман коҳини Худо шуда метавонам? Ҳар як писари Худо коҳин аст. Мувофиқи паймони Куҳан, танҳо онҳое ки аз авлоди Ҳорун буданд, коҳин шуда метавонистанд. Аммо ҳозир ҳар касе ки ба оилаи Худо дохил шудааст, коҳин мебошад. Ту ба Исои Масеҳ бовар карда, фарзанди Худо шуда метавонӣ. Он гоҳ, мувофиқи таълими фириста Петрус, ту низ коҳин мешавӣ. Паймони Навин барои коҳин шудан роҳи дигареро пешниҳод намекунад. Пас чаро ман бояд аз Худои Таоло тарсам? Агар Исои Масеҳ Наҷотдиҳандаи ман бошад, пас Ӯ Саркоҳини бузурги ман аст. Фириста Петрус эълон мекунад, ки ман низ коҳин ҳастам. Ман бояд дар рӯҳ ба Худо наздик шавам; ман бояд самимона Ӯро ситоиш кунам ва эҳтиром намоям, зеро Ӯ Писари Худро барои ман ба марг супурд. Ман бояд ба Исои Масеҳ ҳамду сано хонданамро ба ин ҷаҳон нишон диҳам. Ҳаёт ва гувоҳии ман оиди ҷалоли Худованд бояд ҳамин гуна бошанд. Ман бояд бо ҳаёти худ ба одамон нишон диҳам, ки Худои Таолоро дӯст медорам. Ман бояд ба онҳо оиди Исои Масеҳ, ягона Наҷотдиҳандаи гуноҳкорон нақл кунам.

**Чӣ чуна бояд муқаддас шуд**

Фириста Петрус таълим медиҳад, ки ҳар касе ки ба Исои Масеҳ бовар мекунад, коҳин аст. Фириста Павлус мегӯяд, ки ҳар касе ки ба Исои Масеҳ бовар мекунад, муқаддас аст. Ин

изҳоротро мо дар Номаи фириста Павлус ба румиён ва дар бисёр Номаҳои дигар пайдо мекунем. Павлус дар Номаи худ чунин мегӯяд: “Ба ҳамаи маҳбубони Худо, ки дар Рум ҳастед ва ба муқаддасӣ даъват шудаед...” (Рум. 1:7). Дар худи ҳамин Нома Павлус таълим медиҳад, ки Рӯҳи Пок муқаддасонро пуштибонӣ мекунад ва барои бартараф намудани сустиҳоямон ёрӣ мерасонад. Маълум аст, ки ин ба ҳамаи одамони Худо дахл дорад. “Ҳамчунин Рӯҳ низ моро дар нотавонҳоямон тақвият медиҳад; зеро ки мо намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем, лекин Худи Рӯҳ барои мо бо оҳу нолаҳое шафоат мекунад, ки сухан аз баёнашон оҷиз аст. Таҳқиқкунандаи дилҳо аз андешаи Рӯҳ огоҳ аст, чунки Ӯ барои муқаддасон мувофиқи хости Худо шафоат мекунад” (Рум. 8:26, 27). Павлус боз моро даъват менамояд, ки ба муқаддасони бенаво ёрӣ расонем ва ба онҳо меҳмоннавозӣ зоҳир кунем. “Дар рафъи (бартараф кардани) эҳтиёҷоти муқаддасон иштирок кунед; дар меҳмоннавозӣ бикӯшед” (Рум. 12:13). Меҳмоннавозӣ бояд ба ҳамаи фарзандони Худо зоҳир карда шавад. Ҳаввори Петрус чунин мегӯяд: “Якдигарро бе шикваю шикоят меҳмоннавозӣ кунед” (1Пет. 4:9). Боре фириста Павлус аз боваркардагони Мақдуния ва Охоия барои муқаддасони Уршалим хайроти пулӣ гирифт (Рум. 15:25, 26, 31). Ӯ фармуд, ки Фубиро чуноне ки шоистаи муқаддасон аст, қабул намоянд ва ба муқаддасоне ки ҳамроҳи Филӯлӯгус ва дигарон меоянд, салом гӯянд (Рум. 16:2,15). Ҳамин тариқ, калимаи “муқаддасон” на кадом як шахсони муайян, балки ҳамаи бовардорони калисоро дар назар дорад. Чӣ гуна ман муқаддаси Худо шуда метавонам? Худованд Исои Масеҳ мегӯяд, ки дар ростӣ муқаддаси Худо шудан мумкин аст; фириста Петрус мегӯяд, ки ба воситаи Рӯҳи Пок. Чуноне ки дар Инҷили Юҳанно, боби 17 гуфта шудааст, Исои Масеҳ аз Худои Таоло илтиҷо менамуд: “Онҳоро бо ростии Худ тақдис кун: каломи Ту ростист” (Юҳ. 17:17). Тақдис намудан ба ҳолати махсус гузоштан ва муқаддас намуданро ифода мекунад. Худои Таоло моро ба воситаи ростӣ, ба василаи Каломи Худ муқаддас менамояд. Маълум аст, ки донистани ростӣ барои муқаддас шудан кофӣ нест. Ту ин дарсҳоро омӯхта, ҳақиқати Каломи Худоро мефаҳмӣ. Агар ба ҳақиқати Каломи Худо бовар карда, мувофиқи он амал мекарда бошӣ, Худои Таоло туро муқаддас мекунад. Мо аллакай боварӣ ҳосил намудем, ки фириста Петрус дар Номаи якуми худ

ба ҳамаи одамони Худо мурочиат мекунад. Петрус маҳз дар бораи онҳо мегӯяд: “Мувофиқи таъиноти пешакии Худои Падар, бо тақдиси Рӯҳ...” (1Пет. 1:2). Муқаддас – шахси қуддус аст, ки барои ичрои хости Худо чудо карда шудааст. Кори Рӯҳи Пок аз он иборат аст, ки моро муқаддасони Худо гардонад. Рӯҳи Пок дилҳои моро пур мекунад, моро пок мекунад ва муқаддас менамояд, то ки Каломи Худо моро муқаддасон номад. Фириста Петрус мегӯяд, ки рафтори мо бояд шоистаи рафтори муқаддасони Худо бошад: «Балки, чунон ки Даъваткунандаи шумо муқаддас аст, худатон низ дар тамоми рафторатон муқаддас бошед, зеро ки навишта шудааст: “Муқаддас бошед, чунки Ман муқаддас ҳастам”» (1Пет. 1:15,16). “Агар ҳамаи инҳо чунин нобуд мешуда бошанд, пас шумо дар рафтори муқаддасона ва парҳезгорӣ чӣ гуна бояд бошед?” (2Пет. 3:11). Ҳамин тариқ, барои муқаддас шудан кофист, ки ба ҳақиқат оиди Исои Масеҳ бовар карда, Ӯро Начотдиҳандаи худ эътироф намоед. Рӯҳи Пок туро муқаддас мегардонад ва ёрӣ медиҳад, ки ба таври мувофиқ амал намоӣ.

Ин дарсро аз худ намуда, ба саволҳои худтафтишкунии №10 чавоб диҳед. Сипас ба саволҳои имтиҳонии ин дарс чавоб диҳед.

**Саволҳо барои худтафтишкунии №10**

*Кӯшиш кунед ба саволҳои зерин чавоб диҳед. Дар сутуни тарафи рост чавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. Таълими фиристаҳо Павлус, Петрус ва дигар муаллифони Паймони Навин ҳамеша бо ҳам мувофиқат доранд.

2. Фириста Петрус масъалаи каҳонатро дар ҳамаи мавъизаҳо ва номаҳо зикр мекунад.

3. Ҳар як боваркардаи ҳақиқӣ курбонии рӯҳонӣ оварда метавонад.

4. “Қурбонии рӯҳонӣ” “самари лабҳо” аст, яъне ҳамду санои Худо.

5. Ҷонишини “шумо”, ки Петрус онро чун муроҷиат ба хонандагони номаи якуми худ истифода мебарад, бешубҳа, ҳамаи боваркардагонро ифода мекунад.

6. Мувофиқи Паймони Навин, танҳо одамони муайян дар Калисо коҳинон буда метавонанд.

7. Фириста Петрус таълим медиҳад, ки ҳар кӣ ба Худованд Исои Масеҳ бовар мекунад, муқаддас аст.

8. Фириста Павлус ба аъзоёни калисо дар Рум фармуд, ки Фубиро “чунон ки шоистаи муқаддасон аст”, қабул намоянд.

9. Исои Масеҳ мегӯяд, ки шахс ба воситаи ҳақиқат муқаддас мешавад, Петрус бошад мегӯяд, ки ба воситаи Рӯҳи Пок.

10. “Дар ростӣ” муқаддас шудан маънои “дарк намудани ростӣ”-ро дорад.

Ҷавобҳои дурустро ба ин саволҳо дар охири китоб нигаред. Диққат! Ин ҷавобҳоро ба мо нафиристед!

## Дарси 11

## Доварии Худо

Фириста Петрус таълим медиҳад, ки Худои Таоло тайёр аст ҳамаи одамонро доварӣ кунад, ҳам зиндаҳо ва ҳам мурдаҳоро. Ӯ мегӯяд, ки одамон “ба Худое ки тайёр аст зиндагон ва мурдагонро доварӣ кунад, ҳисоб хоҳанд дод” (1Пет. 4:5). Худои

Таоло бо Каломи Худ ба ман нишон медиҳад, ки кадом кор дуруст ва огоҳ менамояд, ки агар гуноҳ кунам, ҷазо медиҳад. Доварии Худо дар чор соҳаи асосӣ амалӣ мегардад.

**Ҷазои Худо барои гуноҳ**

Ҳангоме ки Одам ва Ҳавво беитоатӣ карданд ва зидди Худои Таоло исён намуданд, моҳияти одамии онҳо гуноҳолуд шуд. Ин гуноҳолудиро тамоми инсоният ба мерос гирифт. Ба ғайр аз ин, ҳар як шахс мувофиқи хоҳишҳои худ бар зидди Худо гуноҳ мекунад, агарчи ҷазои гуноҳ марг аст. Дар Навиштаҳо гуфта шудааст: “Зеро ки музди гуноҳ мамот(марг) аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ” (Рум. 6:23). Пас, агар Худои Таоло пешакӣ медонист, ки одамон гуноҳ хоҳанд кард ва ҷазо дода хоҳанд шуд, чаро Ӯ онҳоро офарид? Худои Таоло қурбонӣ оварданро ба нақша гирифт, то ки одамон наҷот ёфта тавонанд. Худи Худо дар симои Писари Худ роҳи наҷотро ба одамон кушод: “Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар бадани Худ ба дор бардошт...” (1Пет. 2:24). Ҳангоме ки Исои Масеҳ масъулиятро барои гуноҳҳои мо ихтиёран ба гардан гирифт, марги Ӯ зарурӣ гардид. Аммо Худои Таоло Ӯро “аз мурдагон эҳё кард ва ба Ӯ ҷалол бахшид...” (1Пет. 1:21). Худо ҳамчунин қарор дод, ки Писари Ӯ Довари одамон мешавад: “Зеро ки Падар бар ҳеҷ кас доварӣ намекунад, балки тамоми довариро ба Писар супурдааст, то ки ҳама Писарро эҳтиром кунанд, ончунон ки Падарро эҳтиром мекунанд. Касе ки Писарро эҳтиром накунад, Падарро, ки Фиристандаи Ӯст, эҳтиром накардааст” (Юҳ. 5:22,23).

**Ҷазо додани шахси боваркарда**

Гуноҳкоре ки ба Худованд Исои Масеҳ бозгашт намудааст, дарҳол бахшоиши гуноҳҳоро ба даст меоварад. Чунин гуноҳкор ҳеҷ гоҳ барои гуноҳҳояш ҷазо дода намешавад, чунки Исои Масеҳ дар салиби Ҷолҷолто ин ҷазоро барои гуноҳҳои мо ба ӯҳдаи Худ гирифт. Маҳз дар ҳамон ҷо гуноҳ ҷазо дода шуд. Албатта, касоне ки Исои Масеҳро Наҷотдиҳандаи Худ эътироф накардаанд, ба доварии Худо кашида мешаванд, мо баъдтар ба ин боварӣ ҳосил мекунем. Худои Таоло бо нархи гароне наҷоти

моро таъмин намуд. Бинобар ин онҳое ки наҷотро сарфи назар мекунанд ва ё дидаву дониста онро рад мекунанд, аз Доварии Худо раҳоӣ нахоҳанд дошт. Дар Номаи фириста Павлус ба ибриён, боби 2, оятҳои 1-3 оиди ин гуфта шудааст. Аз нав зода шуда, шахси бовардор узви оилаи Худо мегардад. Акнун ӯ метавонад барои гуноҳҳои гузаштаи худ хавотир нашавад – онҳо бахшида шудаанд; аммо акнун ӯ бояд хеле боэҳтиёт бошад. Ӯ бояд он тавр рафтор намояд, ки ба фарзанди Худо сазовор аст. Агар ӯ ба Падари Осмонӣ беитоатӣ кунад, ҳанӯз ҳангоми зиндагияш ҷазо мебинад.  Ҳамчун фарзанд, дар ҳузури Падар будан ба ӯ маъқул аст. Агар ӯ гуноҳ кунад, фарзанд буданро бас намекунад, аммо имконияти фарзанди хушбахт буданро аз даст медиҳад. Ӯ аз шодӣ маҳрум мешавад, аммо аз ҳаёти ҷовидон маҳрум намешавад. Боваркардаро ҷазо додани Худо на хусусияти ҳуқуқӣ, балки падарона дорад. Худо чун Падар амал мекунад, на чун Доваре ки парвандаи ҷиноиро дида мебарояд. Фириста Петрус гувоҳӣ медиҳад, ки Доварӣ дар хонаи Худо сар мешавад ва барои нобоварон даҳшатовартар мешавад. “Зеро вақти он расидааст, ки доварӣ аз хонаи Худо оғоз шавад; ва агар аз мо оғоз шавад, пас фарҷоми(охир) онҳое ки ба Инҷили Худо итоат намекунанд, чӣ гуна хоҳад буд?” (1Пет. 4:17). Ҷазои гуноҳкор то абад давом хоҳад кард. Ҷазодиҳии падарона бошад – чун ҷазодиҳии фарзандон барои ёд додани тарзи рафтор дар ин ҷаҳон аст. “Зеро ки Худованд ҳар киро дӯст дорад, ҷазо медиҳад; ҳар писари писандидаи Худро мезанад” (Ибр. 12:6). Агар фарзандони ҳақиқии Худо ба Каломи Ӯ беитоатӣ кунанд, бояд ба ҷазои Падар тайёр бошанд: “Агар ба ҷазо тоб оваред, Худо ба шумо, чун бо писарон, рафтор мекунад. Зеро, оё писаре ҳаст, ки падараш ӯро ҷазо надиҳад” (Ибр. 12:7). Ҳозир чунин ҷазодиҳиҳо боиси ғамгинии зиёд шуда метавонанд, аммо дертар онҳо хурсандӣ ва оромӣ меоваранд: “Ҳар ҷазо дар замони ҳозира ба назари кас на шодӣ, балки андӯҳ менамояд; лекин оқибат ба онҳое ки ба воситаи он таълим ёфтаанд, самари осоиштаи адолатро меоварад” (Ибр. 12:11). Агар андӯҳ ё аз даст рафтани чизе маро азоб диҳад, шояд ин аз боиси он рӯй медиҳад, ки Падари Осмонӣ маро аз ягон чизе ки ба Ӯ писандида нест, маҳрум кардан мехоҳад. Шояд он ягон сабаби дигар дорад. Бисёр масеҳиён танҳо аз сабаби ба Масеҳ тааллуқ доштани худ уқубат мекашанд; худи ин факт бисёр вақт сабабгори ба миён омадани таъқиботи боваркардагон

мешавад. Агар чунин шавад, масеҳиён бояд шод шаванд: "Аммо агар касе ҳамчун масеҳӣ уқубат кашад, бигзор хиҷил нашавад, балки барои чунин қисматаш Худоро ҳамду сано хонад" (1Пет. 4:16).

### Мукофотҳо барои боваркарда

Зидди Худо гуноҳ кардан ҷинояти даҳшатовар аст. Агар ман самимона ба Худованд Исои Масеҳ чун ба Наҷотдиҳандаи худ бовар карда бошам, ҳамаи гуноҳҳои ман пурра бахшида шудаанд. Ва агар он гоҳ ман гуноҳ карда, Падари Осмониро ғамгин созам, Ӯ маро ҷазо медиҳад. Аммо чунин ҷазои вазнине вуҷуд надорад, ки Худо бо сабаби он маро аз ҳаёти ҷовидон маҳрум кунад ё ба дӯзах фиристад. Ҳаёти ҷовидон тӯҳфаи Худост, ва он ба корҳо ва рафтори ман вобаста нест. Худованд Исои Масеҳ ҳама кори заруриро кард, то ки Худо ба ман ҳаёти ҷовидониро дода тавонад. Моҳиятан, шахси наҷотнаёфта ягон кореро карда наметавонад, ки ба Худои Таоло писанд меомада бошад. Фириста Павлус эълон менамояд: "...Некӯкоре нест, як нафар ҳам нест" (Рум. 3:12). Корҳои неки ман Худои Таолоро водор накардаанд, ки ба ман ҳаёти ҷовидон диҳад, ва гуноҳҳои ман Ӯро маҷбур намекунанд, ки маро аз ҳаёти ҷовидон маҳрум намояд. Агар ман, шахси боваркарда, гуноҳ кунам, ҷазо мебинам. Агар ман ба Худои Таоло хизмат кунам, мукофот мегирам. Ин мукофотҳо асосан ҳангоми доварии Масеҳ дода мешаванд. Ҳавворӣ Павлус ба боваркардагони ҳақиқӣ муроҷиат намуда, навишта буд: "Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем..." (2Қӯр. 5:10). Фаҳмидан муҳим аст, ки ҳеҷ як боваркарда аз биҳишт ба кӯли оташини дӯзах партофта намешавад. Фириста Павлус ба мо мефаҳмонад, ки агар корҳо ва рафтори мо нодуруст бошанд, чӣ мешавад. Чунин корҳо ба санҷиши оташ тоб намеоваранд ва месӯзанд. Фириста Павлус мегӯяд: "Амали ҳар кас зоҳир хоҳад шуд, зеро ки он рӯз нишон хоҳад дод, чунки дар оташ ошкор хоҳад шуд, ва оташ амали ҳар касро озмоиш хоҳад кард, ки он чӣ гуна аст. Агар амали касе ки бар он сохтааст, пойдор бимонад, вай музд хоҳад гирифт; ва агар амали касе бисӯзад, вай зиён хоҳад дид; вале худаш наҷот хоҳад ёфт, аммо тавре ки гӯё аз даруни оташ гузашта бошад" (1Қӯр. 3:13-15). Худои Таоло чӣ гуна нек аст! Ман гуноҳкор ва исёнгар будам,

аммо ба шарофати хуни Худованд Исои Масеҳ, Худо маро бахшид. Худо бар ман Рӯҳи Покро фуруд овард ва ба ман ҳаёти нав дод, то ки ман ӯро шод карда тавонам. Агар ман хости Худоро ба ҷо оварам, Ӯ ваъда медиҳад, ки мукофот медиҳад. Роҳ сӯи биҳишт кушода аст, аммо бо хизмати вафодорона ман метавонам сазовори таърифи ҳамешагии Худовандам шавам. Ва агар ман бимирам, ҳамроҳи Исои Масеҳ будан хеле беҳтар аст. Ман ҳамроҳи фириста Павлус гуфта метавонам: "Зеро ки барои ман ҳаёт Масеҳ аст, ва мамот фоида аст" (Фил. 1:21).

## Ҷазое ки аз Тахти Бузурги Сафед эълон шудааст

Мо аллакай боварӣ ҳосил намудем, ки танҳо боваркардагони самимӣ ба доварии Исои Масеҳ ҳозир мешаванд ва ҳеҷ кадоми онҳо чун гуноҳкори айбдор ҷазо дода намешавад. Ҳамаи дигарон назди Тахти Бузурги Сафеди Худои Таоло ҳозир мешаванд. Дар Навиштаи Пок гуфта шудааст: "Ва тахти бузурги сафед ва Нишинандаи онро дидам, ки аз ҳузури Ӯ осмон ва замин мегурехтанд, ва ҷое барои онҳо ёфт нашуд. Ва мурдагонро, хурдон ва бузургонро дидам, ки дар пеши Худо истодаанд, ва дафтарҳо кушода буд; ва дафтари дигаре кушода буд, ки дафтари ҳаёт аст; ва мурдагон бар тибқи он чи дар дафтарҳо навишта шудааст, яъне мувофиқи аъмолашон доварӣ карда шуданд" (Ваҳй 20:11,12). Онҳое ки номҳояшон дар Дафтари Ҳаёт навишта нашудааст, ба кӯли оташ партофта мешаванд. Аз ин кӯл баромадан имконнопазир аст: "Валекин тарсончакон, ва беимонон, ва палидон, ва қотилон, ва зинокорон, ва ҷодугарон, ва бутпарастон, ва ҳамаи дурӯғгӯёнро – насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин мамоти дуюм аст" (Ваҳй 21:8). Исои Масеҳ дар бораи ин ҷои даҳшатовар гуфтааст: "Дар он ҷо кирми онҳо намемирад, ва оташ хомӯш намешавад" (Марқ. 9:44, 46, 48). Инро хуб дар ёд нигоҳ дор! Онҳое ки назди Тахти Бузурги Сафед ҳозир мешаванд, ҷовидона ба азобу уқубатҳои даҳшатовар маҳкум карда мешаванд. Шахси мурда имконияти наҷот ёфтанро аз даст медиҳад. Дар Навиштаи Пок гуфта шудааст: "Ва чунон ки одамонро насиб гардидааст, ки як бор бимиранд ва пас аз он ба доварӣ дучор шаванд..." (Ибр. 9:27). Мурдагон нобуд намешаванд. Чунин ақида ба Навиштаи Пок тамоман бегона аст. Саволи муҳим он аст, ки ман кай ва чӣ гуна аз кӯли оташ

барканор буда метавонам? Агар ман назди Тахти Бузурги Доварӣ ҳозир шавам, аллакай хеле дер мешавад. Баъди мурдан ман дигар имконият нахоҳам дошт. Ин корро имрӯз, худи ҳозир кардан даркор аст. Ту ҳалли ин масъаларо дигар мавқуф гузошта(ба вақти дигар мондан) наметавонӣ. АММО ЧӢ ТАВР? Чӣ тавр ман метавонам боварӣ ҳосил намоям, ки номи ман ба Китоби Ҳаёт дохил карда шудааст? Маълум аст, ки ин Китоб дар осмонҳост. Он ба китобе ки номҳои аъзоёни ягон калисоро дорад, монанд нест. Дар Китоби Ваҳй, боби 21, ояти 27 ин китоб Дафтари Ҳаёт номида шудааст, ки ба Барра тааллуқ дорад. Чуноне ки ба мо маълум аст, Барра – Худованд Исои Масеҳ аст. Агар ту бевосита назди Ӯ биёӣ ва ӯро Наҷотдиҳандаи худ эътироф намоӣ, Ӯ низ туро эътироф мекунад. Исо мегӯяд: "...Ҳар кӣ назди Ман ояд, бадар нахоҳам ронд" (Юҳ. 6:37). Худованд Исои Масеҳ ба ту тӯҳфаи ҳаёти ҷовидонро пешкаш хоҳад кард. Ӯ номи туро ба Китоби Ҳаёт навиштааст ва онро ҳеҷ гоҳ хат намезанад. Чаро худи ҳозир Худовандро эътироф накунӣ?

Маводро аз худ намуда, ба саволҳои худтафтишкунӣ ҷавоб диҳед. Ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои дурусте ки дар охири китоб оварда шудаанд, муқоиса кунед. Муваффақиятҳои худро мустақилона баҳо диҳед. Сипас ба саволҳои имтиҳонии ин дарс ҷавоб диҳед.

**Саволҳо барои худтафтишкунии №11**

*Кӯшиш кунед ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Дар сутуни тарафи рост ҷавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. Худо зиндаҳо ва мурдаҳоро доварӣ мекунад.

2. Одам аз аҷдодон моҳияти гуноҳолудро ба мерос гирифтааст.

3. Одам бо хости худ гуноҳкор мешавад.

4. Ҷазо барои гуноҳ – марг аст.

5. Онҳое ки аз Худованд Исо марҳамат хоҳиш мекунанд, ба ҳар ҳол бояд барои гуноҳҳояшон ҷазо бинанд.

6. Худо бовардори гуноҳкорро на чун довар, балки чун падар ҷазо медиҳад.

7. Гуноҳкорро ҷазо додани Худо аз он иборат аст, ки шахси айбдор бояд оилаи Худоро тарк кунад.

8. Боваркардаҳое ки ҳаёташон ба номи баланди фарзандони Худо сазовор нест, аз мукофотҳои худ маҳрум шуда метавонанд.

9. Ҳамаи одамони бад дар Доварии Худованд Исои Масеҳ қарор хоҳанд дошт.

10. Онҳое ки назди Тахти Бузурги Сафед ҳозир мешаванд, ҷовидона нобуд мешаванд.

Ҷавобҳои дурустро ба ин саволҳо дар охири китоб нигаред. Диққат! Ин ҷавобҳоро ба мо нафиристед!

## Дарси 12

### Интизорӣ ва инкишоф дар бовар

Мо боварӣ ҳосил кардем, ки Петрус шахси бузург ва фиристаи дорои илҳоми илоҳӣ буд. Чун одами оддӣ Петрус хатоҳо мекард. Аммо Навиштаҳои ӯ дар Китоби Муқаддас ҳақиқати Худоро ба мо мерасонанд. Азбаски ҳақиқати Худо ҳамеша бетағйир аст, ҳеҷ кас ҳақ надорад ба он чизеро илова намояд ё кам кунад. Ҳамин тариқ, Китоби Муқаддас имрӯз ваҳйи пурраи Худои Таолост. Ҳар кас бояд ба он чи фириста Петрус ва дигар муаллифони Китоби Муқаддас мегӯянд, гӯш андозад. Ҳамин тариқ, мо ба дарси охирини ин силсила расидем.

### Ҷалол аз ақиби азобҳо меояд

Пеш аз марг Худованд Исои Масеҳ ба шогирдони Худ мегуфт, ки Ӯ кушта мешавад, ва баъд аз мурдагон бармехезад. Шогирдон медонистанд, ки Ӯ Подшоҳи Исроил аст, ва бовар карда наметавонистанд, ки Ӯро қатл мекунанд. Аз номи ҳамаи шогирдон Петрус ба Худованд эътироз намуд. Исо маҷбур буд, ба Петрус гӯяд: "Эй шайтон, аз Ман дур шав! Ту васвасакоре барои Ман ҳастӣ" (Мат. 16:23). Фириста Петрус фаҳмида наметавонист, ки чӣ гуна ин бо Исои Масеҳ рӯй медиҳад: дар аввал азобҳо мешаванд, сипас ҷалол меояд. Ва танҳо ҳангоме ки Худованд Исои Масеҳ аз мурдагон бархост, фириста Петрус фаҳмид, ки ҷалол аз паси азобҳо меояд. Номаи якуми Петрус гувоҳии он аст, ки ӯ инро ҳақиқатан фаҳмид. Ин ҳақиқат дар Навишта якчанд бор такрор мешавад:

1. Азобҳо ва ҷалоли Исои Масеҳро пайғамбарон пешгӯӣ карда буданд. "Онҳо тадқиқ намудаанд, ки кадом ва чӣ гуна замонро Рӯҳи Масеҳе ки андаруни онҳо буд, нишон додааст, вақте ки Он аз уқубатҳои Масеҳ ва аз ҷалоле ки баъд аз он фаро хоҳад расид, пешакӣ хабар медод" (1Пет. 1:11).

2. Исои Масеҳ чун Барра мурд, аммо Худо Ӯро "аз мурдагон эҳё кард ва ба Ӯ ҷалол бахшид..." (1Пет. 1:19, 21).

3. Исои Масеҳ "шахсан гуноҳҳои моро дар бадани Худ ба дор бардошт", ҳоло бошад дар ҷалоли "Чӯпон ва Нозири ҷонҳои мо" мебошад (1Пет. 2:24,25).

4. Исои Масеҳ ҳаёти худро барои гуноҳҳои мо дод, росткор барои золимон. Аммо ҳозир Исо "ба ямини Худо нишастааст ва фариштаҳо ва ҳукуматдориҳо ва қудратҳо мутеи Ӯ шудаанд" (1Пет. 3:18, 22). Ҳамин гуна тартиби воқеаҳо, – аввал азобҳо, ва баъд ҷалол, – нисбати мо низ қобили истифода аст. "Модоме ки шумо дар уқубатҳои Масеҳ иштирок доред, шодӣ кунед, то ки дар вақти зуҳури ҷалоли Ӯ низ ба ваҷд оед ва хурсандӣ кунед" (1Пет. 4:13). Фириста Петрус дар бораи худ мегуфт: "Шоҳиди уқубатҳои Масеҳ ҳастам, ва шарики ҷалоле хоҳам буд, ки бояд ба зуҳур ояд" (1Пет. 5:1). Исои Масеҳ дар ин ҷаҳон азоб мекашид, моро низ азобҳо интизоранд. Аммо дар оянда моро ҷалол интизор аст: "Худои ҳар файз, ки моро ба ҷалоли абадии Худ дар Исои Масеҳ даъват намудааст, баъд аз уқубати кӯтоҳмуддати шумо, шуморо комил, устувор, қавӣ ва матин(устувор) хоҳад кард" (1Пет. 5:10).

## Омадани дуюми Масеҳ

Фиришта Петрус таълим медиҳад, ки Худованд Исои Масеҳ аллакай дар ҷалол буда, дар тарафи рости Худои Таоло нишастааст. Аммо одамони ҷаҳони заминӣ Писари Худоро рад карданд, масхара ва истеҳзо намуданд ва ба салиб кашиданд. То даме ки Писари Худои Таоло дар ин ҷаҳон сафед карда шуда, ҷалол наёбад, Худо қонеъ намегардад. Ҳамин тариқ, лозим аст, ки Масеҳ ба ин ҷаҳон баргардад. Пайғамбарони Паймони Куҳан ва фириштаҳои Паймони Навин дар ҷалол бозомадани Худованд Исои Масеҳро пешгӯӣ кардаанд. Худи Худованд низ дар ин бора гуфта буд. Аммо имрӯз бехудоён бар ин фикр механданд. Фиришта Петрус моро оиди масхаракунандагон, ки дар рӯзҳои охир пайдо мешаванд, огоҳ карда буд: "Пеш аз ҳама бидонед, ки дар рӯзҳои охир масхарабозони беҳаёе пайдо хоҳанд шуд, ки бар тибқи ҳавасҳои худ рафтор намуда, хоҳанд гуфт: "Куҷост ваъдаи омадани Ӯ? Зеро аз замоне ки падарон вафот кардаанд, ҳама чиз ончунон ки аз аввали офариниш буд, боқӣ мондааст"" (2Пет. 3:3,4). Ҳақиқатан, ба мо маълум нест, ки Худованд Исои Масеҳ маҳз кай бозмегардад. Аммо, мо боварӣ дошта метавонем, ки ин як вақт рӯй медиҳад. Барои тайёр будан ба ин рӯзи бузург мо бояд чӣ кор кунем? Фиришта Петрус дар ин бора мегӯяд: "Пас, эй маҳбубон, модоме ки инро интизорӣ доред, саъю кӯшиш намоед, ки назди Ӯ покиза ва беайб дар осоиштагӣ ҳозир шавед" (2Пет. 3:14).

## Файзи Худо

Фиришта Петрус мегӯяд, ки ҳангоме Худованд Исои Масеҳ меояд, мо бояд назди Худо покиза ва беайб бошем, ва дар осоиштагӣ бошем. Ӯ ҳамчунин оиди он мегӯяд, ки чӣ тавр мо чунин шуда метавонем. Мо на дар натиҷаи корҳои худ, ҳар қадар хуб ва ҳар қадар бисёр бошанд ҳам, чунин шуда метавонем. Мо танҳо ба воситаи файзи Худо чунин шуда метавонем. Дар сатрҳои охири Номаи якум фиришта Петрус мегӯяд: "Ҳамин аст файзи ҳақиқии Худо, ки дар он шумо қоим* ҳастед" (1Пет. 5:12). Файзи Худо чист? Файз баръакси корҳост: "Агар ин мувофиқи

* қоим будан – истодан, устувор будан

файз бошад, пас мувофиқи аъмол нест, вагарна файз дигар файз нашуда мемонад" (Рум. 11:6). Ҳеҷ кас ба шарофати корҳои худ наҷот ёфта наметавонад. Агар боварӣ доред, ки корҳоятон ягон андоза ба наҷоти шумо ёрӣ мерасонанд, ба файзи ҳақиқии Худо бовар намекунед. Чаро худи ҳозир аз умеди наҷот ба воситаи кӯшишҳои худ даст накашед ва ба кори кардаи Худованд Исои Масеҳ умед набандед? Наход кори Исои Масеҳ барои шумо кофӣ нест? Худои Таоло мегӯяд, ки кори кардаи Исои Масеҳ барои наҷоти ту кифоят мекунад. Ба Каломи Худо бовар кун! Аммо мо на танҳо бояд дар файзи Худо бошем. Мо ҳамчунин бояд дар он инкишоф ёбем. Дар сатрҳои охирини Нома фириста Петрус ба мо мегӯяд: "Балки дар файз ва шинохтани Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ нумӯ ёбед" (2Пет. 3:18). Ҳамин ки ба Исои Масеҳ бовар мекунӣ – ва танҳо ба Ӯ – дарҳол аз файзи Худо шод мегардӣ. Аммо Каломи Худоро хонда ва ҳар рӯз ба Худои Таоло дар дуо муроҷиат намуда, ту файзи Худоро амиқтар ва хубтар мефаҳмӣ. Ҳамин аст дар файзи Худо нумӯ(инкишоф ёфтан) кардан. Худованд Исои Масеҳро беҳтар шинохта, ту дар файз нумӯ мекунӣ. Ва ту мефаҳмӣ, ки файзи Худо беҳтарин чизест, ки дар ин ҷаҳон буда метавонад. Аммо бо онҳое ки файзи Худоро рад мекунанд, чӣ мешавад? Бисёриҳо боварӣ доранд, ки одам бояд бо корҳои худ ба наҷот сазовор шавад. Чунин одамон файзи Худоро рад мекунанд. Аммо онҳо ҳеҷ гоҳ ба воситаи корҳои худ наҷот намеёбанд. Ту чӣ фикр дорӣ? Умеди ту ба наҷот дар чӣ асос ёфтааст? Оё он дар корҳо, атоҳо, лаёқатҳо ё фаъолияти ту дар калисо асос ёфтааст? Чаро ҳамаи инро чун асоси умед ба наҷот тарк накунӣ? Фириста Петрус ба мо маслиҳат медиҳад, ки дар файзи Худо бошем ва дар он нумӯ кунем. Пас худи ҳозир ин корро бикун.

Ин дарсро аз худ намуда, ба саволҳои худтафтишкунии №12 ҷавоб диҳед. Баъд ба саволҳои имтиҳонии ин дарс ҷавоб диҳед.

**Саволҳо барои худтафтишкунии №12**

*Кӯшиш кунед ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Дар сутуни тарафи рост ҷавоби худро ба савол – ҳа (дуруст) ё не (нодуруст) ишора кунед.*

1. Ҳозир Китоби Муқаддас ваҳйи пурраи Худост.

2. Исои Масеҳ пеш аз ҷалол ёфтанаш бояд азоб мекашид.

3. Ҳозир Худованд Исои Масеҳ дар тарафи рости Худои Таоло дар Подшоҳии Осмон нишастааст.

4. Фириста Петрус худро шоҳиди ҷалоли Масеҳ ва шарики азобҳои Ӯ меномад.

5. Исои Масеҳ ба ин ҷаҳон барои сафед карда шудан ва ҷалол ёфтан бозмегардад.

6. Ҳам Паймони Куҳан, ҳам Паймони Навин дар ҷалол бозомадани Исои Масеҳро пешгӯӣ мекунанд.

7. Паймони Навин оиди он мегӯяд, ки ҳамаи одамон бо майли том ба таълим оиди бозомадани Исои Масеҳ бовар мекунанд.

8. Ҳангоми бозомадани Исои Масеҳ мо танҳо дар натиҷаи саъю кӯшишҳои худ "покиза ва беайб" эътироф шуда метавонем.

9. Худо одамро дар асоси файз ва қисман дар асоси корҳои ӯ эътироф менамояд.

10. Ҳамин ки одам ба Исои Масеҳ – ва танҳо ба Ӯ – бовар кунад, дар файзи Худо шод мешавад!

Ҷавобҳои дурустро ба ин саволҳо дар охири китоб нигаред. Диққат! Ин ҷавобҳоро ба мо нафиристед!

**Тавсияҳо оиди истифодаи саволҳои худтафтишкунӣ дар машғулиятҳои гурӯҳӣ**

1. Муаллим метавонад саҳифаеро, ки ба саволҳои худтафтишкунӣ ҷавобҳо дорад, аз китобҳои хонандагон гирад.

2. Худи муаллим бояд пеш аз дарс ба саволҳои худтафтишкунӣ ҷавоб диҳад ва дурустии ҷавобҳои худро тафтиш кунад. Он гоҳ ӯ метавонад ба хонандагон ёрӣ диҳад, то ба баъзе саволҳои махсусан душвор ҷавоб диҳанд.

3. Саволҳо барои худтафтишкуниро барои аз назар гузарондани маводи дарси омӯхташуда истифода бурдан мумкин аст. Дар аввали ҳар дарс метавонед якчанд дақиқа ҷудо карда, бо ёрии ин саволҳо тафтиш намоед, ки оё хонандагон дарси гузаштаро аз худ кардаанд ё не. Натиҷаҳои тафтишро зуд фаҳмидан мумкин аст, агар муаллим ҷавобҳои дурустро хонда диҳад. Муҳокимаи кӯтоҳи ҷавобҳо барои аз назар гузарондани дарси гузашта хуб аст.

4. Муаллим бояд хонандагонро водор намояд, ки ба саволҳои худтафтишкунӣ ҷавоб диҳанд ва корҳои имтиҳониро иҷро кунанд. Омӯзиш маҳз ҳамин тавр ба амал меояд.

5. Муаллим бояд онҳоеро, ки ин курсро бо муваффақият аз худ намудаанд, зикр намояд.

**Ҷадвали ҷавобҳои дуруст ба саволҳо барои худтафтишкунӣ**

Дар ҷадвал чунин ихтисорҳо ҳастанд: д – дуруст, н – нодуруст

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | 0 | 1 | 2 |
| 1 | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | | | | | |
| Микдори чавобҳои дуруст | | | | | | | | | | | | |
| Бадах зарб занед | 0 | 10 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Натичаи шумо | | | | | | | | | | | | |

**100% – кори аъло**

**90% – кори хеле хуб. Саволҳоеро, ки дар чавобашон хато кардед, бори дигар дида бароед.**

**80% – кори хуб. Дарсро бори дигар хонда бароед.**

**Аз 80% камтар – дарсро бори дигар омӯзед.**